Мавод бо кӯмаки молиявии
Иттиҳоди Аврупо таҳия
гардидааст.

# МАСЪАЛАҲОИ СОҲАИ ИСТЕҲСОЛОТИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ, КОРКАРДИ ОН, ФУРӮШ ВА ТАВСИЯҲО ОИД БА БАРТАРАФ КАРДАНИ ОНҲО

Душанбе 2012

Мавод аз ҷониби Ассотсисатсияи миллии соҳибкории хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯмаки молиявии **Иттиҳоди Аврупо** дар худуди давраи дуюми барномаи “**Центральная- Азия Инвест**” омода карда шудааст. Масъулияти истисноӣ барои мазмуни нашрияи мазкур бар ӯҳдаи Ассотсиатсияи миллии бизнеси хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Hilfswerk Austria International** буда, метавонад нуқтаи назари Иттиҳоди Аврупоро ифода нанамояд.

**Лоиҳа:** Бархурди мутамарказонидашуда нисбат ба рушди Корхонаҳои марказии Осиёи Миёнаи хурду миёна оид ба коркарди чормағз, хушкмеваҳо ва асал.

Лоиҳа дар ҳамкории зич бо шарикони маҳаллӣ ва байналмилалӣ анҷом дода мешавад, ки дар минтақа ҳангоми рафти иҷрои лоиҳа саҳми назаррасе дар рушди соҳаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти меваву сабзавот ворид кардаанд.

**АНТИ** – Ассотсиатсияи зиёёнии илмӣ-техникии Тоҷикистон
www.asti.tj

**НАМСБ** – Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷиикистон
www.namsb.tj

**АППК**
Ассотсисатсияи корхонаҳои меваву сабазавоти Қирғизистон

Training
**TES** – Маркази Қирғизистон
www.tes-centre.org

**WIFI** – Институт оид ба мусоидати иқтисодӣ дар назди Палатаи савдои Австрия

**МУНДАРИҶА:**


РӮЙХАТИ МУХТАСАРОТ ........ 4

МУҚАДДИМА........ 5

БОБИ 1. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ ДАР СОҲАИ ИСТФОДАБАРИИ ЗАМИН ........ 6

БОБИ 2. ИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ АСОСИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ - ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ) ВА МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО ........ 9

БОБИ 3. МУШКИЛОТИ ҲУҚУҚИИ РУШДИ ҲАРАКАТИ КООПЕРАТИВӢ........ 17

БОБИ 4. ШАРҲИ МУХТАСАРИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ДИГАР ........ 21

1. Норасоии воситаҳои химиявии ҳифзи растаниҳо........ 21
2. Норасоии поруҳои минералӣ, инчунин тухмиҳои олисифат........ 23
3. Мушкилоти гирифтани қарз ........ 24

БОБИ 5. МУШКИЛОТ ДАР СОҲАИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ........ 27

БОБИ 6. МАСЪАЛАҲОИ ВОБАСТА БА АМАЛИЁТИ ЛИЗИНГӢ ........ 29

БОБИ 7. РАСМИЁТИ СОДИРОТӢ-ВОРИДОТӢ ҲАНГОМИ ФУРӮШИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ВА МУШКИЛОТИ ОШКОРШУДА ДАР СОҲАИ МАЗКУР ........ 31

МУШКИЛОТИ ОШКОРГАРДИДА........ 42

Дар соҳаи додани хулосаи санитарӣ- эпидемиологӣ........ 42

Дар соҳаи додани Сертификати Фитосанитарӣ ........ 42

Дар соҳаи додани Сертификати мутобиқати мол ........ 43

Дар соҳаи додани Сертификати тавлиди мол ........ 44

Дар соҳаи барасмиятдарории гумрукии молҳо ........ 44

БОБИ 8. МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗБАНДӢ. ТАҶРИБАИ ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН ОИД БА ПЕШНИҲОДИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗ БА ИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ КИШОВАРЗӢ ВА КОРКАРДКУНАНДАГОНИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ........ 46

БОБИ 9. ТАВСИЯҲО ОИД БА БАРТАРАФ КАРДАНИ МУШКИЛОТИ ОШКОРШУДА ........ 51

1. Тавсияҳо оид ба Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)»: ........ 51
2. Тавсияҳо оид ба мушкилоти рушди ҳаракати кооперативӣ: ........ 52
3. Тавсияҳо оид ба ҳалли мушкилот дар соҳаи норасоии воситаҳои химиявии ҳифзи растаниҳо: ........ 52
4. Тавсияҳои бартараф кардани мушкилот оид ба норасогии поруҳои минералӣ, инчунин тухмиҳои олисифат:........ 52
5. Тавсияҳо дар соҳаи дастрасии қарздиҳӣ:........ 52

6. Тавсияҳо дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ: 53
7. Тавсияҳо дар соҳаи содда кардани тартиботи воридотию содиротӣ: 54
Дар соҳаи додани хулосаи санитарӣ- эпидемиологӣ 54
Дар соҳаи додани Сертификати Фитосанитарӣ: 54
Дар соҳаи додани Сертификати мутобиқати молҳо: 55
Дар соҳаи додани Сертификати тавлиди мол: 55
Дар соҳаи барасмиятдарории гумрукии мол 55
РӮИХАТИ САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА 56
Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: 56
Маводи таҳқиқотии истифодашуда: 57

## РӮЙХАТИ МУХТАСАРОТ

| | |
|---|---|
| КГ ҶТ | Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МС | Маводи сӯзишворӣ ва молиданӣ |
| КА ҶТ | Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ХДФ | Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) |
| ПМТ | Пойгоҳҳои мошинӣ-тракторӣ |
| ХСЭ | Хулосаи санитарӣ- эпидемиологӣ |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ААИ | Андоз аз арзиши иловашуда |

# МУҚАДДИМА

Соҳаи кишоварӣ яке аз муҳимтарин соҳаи хоҷагии халқ ба шумор меравад. Он маводи ғизоиро барои аҳолӣ, ашёи хомро барои саноати коркард истеҳсол намуда, дигар ниёзмандиҳои ҷомеаро қонеъ мегардонад. Аз ин рӯ, масъалаи мубрами замони мо масъалаи минбаъд афзудани сатҳи самаранокии соҳа мебошад. Ҳоло соҳаи мазкур бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ гардидааст, ки монеаи рушди соҳа мебошанд. Инкишофи сусти соҳа бо сабабҳои зиёде вобаста аст, аз ҷумла - мушкилот дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ.

Мутаассифона, ислоҳоти ҳуқуқӣ дар соҳаи ислоҳоти аграрӣ хеле суст пеш рафта, боз ҳам мушкилоти вуҷуддоштаро дар комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ тезутунд менамояд.

Дар таҳқиқоти мазкур танҳо мушкилоти соҳаи танзими ҳуқуқии соҳаи истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва тавсияҳо оид ба беҳтар кардани ин соҳа мавриди назар қарор гирифтаанд.

# БОБИ 1. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ ДАР СОҲАИ ИСТФОДАБАРИИ ЗАМИН

Яке аз муҳимтарин самтҳоиислоҳоти аграрӣ ташкили механизми ҳуқуқии танзими фаъолияти ташкилоти кишоварзӣ ва ҳифзи босамари манфиатҳои иқтисодии онҳо мебошад. Танзими қонунгузории муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаи кишоварзии иқтисодиёт ва дар навбати аввал, муносибат вобаста бо истифодабарии ***замин*** татбиқ мегардад.

Дар айни ҳол, қонунгузории ҷорӣ оид ба замин пурра ба ммуносибтхои муосири бозорӣ мутобиқ карда нашудааст.

Бояд қайд кард, ки набудани **консепсияи аники ислоҳот** монеаи қабули маҷмӯи қонунҳо ва санадҳои меъёрии барои татбиқи механизми бозорӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт ва анҷом додани ислоҳоти замин гардид, гарчанде сохторҳои ташкилие, ки масъули татбиқи ин ислоҳот буданд, асосан ташкил шуда буданд. Бо ин сабаб ҳадафи асосии ислоҳот – таҳияи бозори комили муносибатҳо оид ба истифодабарии замин - то ба ҳол ба даст наомадааст.

Дар оғози солҳои 90-ум асосҳои ҳуқуқии ташаккулёбии муносибатхои бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ гузошта шуданд. Қонуни ҶТ «Дар бораи ислоҳоти замин» қабул гардид, ки бунёди асосии ҳукуқии ислоҳотро дар соҳаи мазкур гузошт. Қонун самтҳои асосӣ ва давраҳои татбиқи ислоҳоти кишоварзиро муайян намуд.

9 ноябри соли 1995 бо рақами № 673 Барномаи бозташкили иқтисодии комплекси агросаноатии ҶТ тасдиқ гардид. Дар Барнома муқаррар гардид, ки муқаррароти асосии он нисбати ташаккули асосҳои хоҷагии бозорӣ: ислоҳоти замин, ташаккул додани иқтисодиёти бисёруклада ва инфраструктураи бозори Комплекси агросаноатӣ, рушди соҳибкории озод ва фаъолияти муассири иқтисодии хориҷӣ равона карда мешаванд. Чи тавре ки дар Барнома омадааст, устуворӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ бе ислоҳоти замин ғайриимкон мебошад. Барои татбиқи ислоҳоти замин омода кардани заминаи татбиқи он зарур аст, аз ҷумла:

- инвентаризатсияи замин;
- муайян кардани намуд ва категорияҳо) замин, сатҳи истифодабарии замин;
- гузаронидпни корҳои заминсозӣ;
- мониторинги замин;
- ташкил ва пешбурди кадастри давлатии замин;
- таҳияи маҷмӯи пурраи ҳуҷҷатҳои қонунгузории замин ва механизми татбиқи назорати риояи он;
- анҷом додани баҳодиҳии иқтисодии (пулии) заминҳо, баҳои комплексии он барои такмил додани низомҳои андоз, молиявӣ-қарзӣ ва суғуртавӣ.

Аммо то ба имрӯз ягонто аз вазифаҳои бо Барномаи мазкур гузошташуда ба пуррагӣ иҷрои худро пайдо накардаанд.

Мушкилии ташаккулёбии муносибатхои бозорӣ дар соҳаи аграрӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки замин, ҳамчун воситаи асосии истеҳсолоти соҳаи мазкур, мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти давлат боқӣ мемонад.

Бинобар ин, қонунгузории замин ба андозаи бештар истифодабарии заминҳои давлатиро маҳдуд карда интиқол, хариду фурӯш, ҳуқуқи иҷора ва истифодабарии заминро манъ менамояд.

Дар ҳар сурат, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рохи қабули як қатор санадҳои меъёриюҳуқуқӣ заминаро барои  ташаккулёбии бозори заминбо роҳи васеъ намудани ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замин ташкил намуд.

Тибки  санадҳои мазкури меъёрӣ - ҳуқуқӣ, моликияти давлатӣ ҳамчун шакли асосии соҳибмулкии замин боқӣ мемонад. Аммо рушди минбаъдаи механизҳои бозории истифодабарии замин аз ***ташкили шароитҳои ҳуқуқӣ барои хариду фурӯши ҳуқуқи истифодабарии замин*** ҳамчун объекти хоҷагидорӣ вобаста мебошад.

5 январи соли 2008 ба Кодекси замини ҶТ тағйирот ва илова ворид карда шуд, ки он асоси ҳуқуқиро барои бегона кардани  ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ташкил намуданд. Мувофиқи тағйироти ба моддаҳои 19 ва 27 (1) Кодекси мазкур воридгардида ба заминистифодабарандагони якумдарача ***ҳуқуқи ба шахси дигар додани истифодабарии қитъаи замин,*** инчунин ба гарав мондани  хуқуқи истифодаи қитъаи замин дода шуд.

пешбинӣ шуда, Дар худи ҳамон сол Конун «Дар бораи ипотека» қабул гардид, ки он низ меъёрҳои хусусиятҳои гарави ҳуқуқи истифодаи заминро муқаррар намуд.

Аммо дар амалия имконияти татбиқи меъёрҳои бо Қонунҳои мазкур пешбинишуда ғайриимкон буд, зеро Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳоеро, ки  ба шахси дигар додан,, хариду фурӯши ҳуқуқи истифодаи заминро танзим менамоянд, пешбинӣ наменамояд. Механизми аниқи татбиқи ҳуқуқҳои мазкур таҳия нагардида буд. Зарурати ворид кардани иловаҳо ба Кодекси мазкур, ки шароитҳои ҳуқуқиро барои бегона кардани  ҳуқуқи истифодабарии замин ҳамчун объекти хоҷагидорӣ ташкил медиҳанд,  ба миён омад..

Бо ин мақсад Консепсияи сиёсати аграрӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 декабри соли 2008, № 658 тасдиқ шудааст, муқаррар намуд, ки бояд кори ташаккулдиҳии бозори замин ва амалияи самараноки он давом дода шавад, ки он боиси вусъати минбаъдаи ислоҳоти замин ва соҳаи агрририи алоқаманд ба татбиқ ва рушди муносибатҳои хусусии бозорӣ ва иҷоравӣ, қарздиҳии ипотекавӣ, ки дар он замин ба шакли амволи асосии гарав баромад мекунад, мегардад, , бо,

Механизми татбиқи ин тадбирҳо мувофиқи Консепсия чунинанд :

- Ворид намудани тағйирот  ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ворид намудани тағйирот ба Қонун   "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ   (фермерӣ) ";
- Ворид намудани тағйирот ба  Қонун "Дар бораи баҳодиҳии замин";
- Ворид намудани тағйирот ба Кодекси замин.

Бо ин мақсад гурӯҳи корӣ ташкил карда шуд, ки он бояд ислоҳоти оғозшударо ба охир мерасонд. Аммо мутаассифона, бо сабабҳои ғайри узрнок, гурӯҳи кории мазкур таҳия ва амалӣ кардани лоиҳаҳои қонунҳои- мазкурро ба дарозо кашиданд, гарчанде тавре таъкид гардид, сарчашмахои қабули онҳо хеле барвақт ташкил шуда буданд буданд. Эҳтимол, вазъияти мазкур бо кори сусти гурӯҳи корӣ ва мавҷуд набудани роҳбарии зарурии кори он вобаста мебошад.

Дар ҳоли ҳозир кори таҳияи лоиҳаи Қонун оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расидааст. Лоиҳаи ин Қонун  аз ҷониби Ҳукумати ҶТ

ба баррасии  Парламенти ҶТ фиристонида шудааст. Нуктаи мусбати таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур – ин муқаррар кардани меъёр оид ба он мебошад, ки «ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқи граждан̄ӣ буда, мумкин аст ба сифати предмети шартномаи хариду фурӯш, тӯҳфа, иваз ва дигар аҳдҳо баромад намояд ва инчунин бо тариқи мерос ва бо тартиби умумии ба даст овардани ҳуқуқ, ки Кодекси мазкур **ва қонунгузории гражданӣ** муқаррар намудааст, ба дигар шахс гузарад».

Меъёри мазкур асоси самаранокро барои суръат бахшидани муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи истифодабарии замин фароҳам меоварад.

Инчунин, бояд дар лоиҳа муқаррар гардидани меъёр оид ба  сервитут (ҳуқуқи истифодабарии маҳдуди қитъаи замини истифодабарандагони дигар) таъкид гардад.

Аммо бояд қайд кард, ки лоиҳаи Қонун инчунин мушкилоти муайянеро барои татбиқи минбаъдаи меъёрҳои он ба миён меоварад. Лоиҳа дар худи Кодекси замини ҶТ муқаррар гардидани меъёрҳои асосӣ оид ба механизми татбиқи меъёри қайдгардида , яъне муқаррар кардани талабот оид ба музднок ва бемузд додани қитъаҳои замин ба заминистифодабарандагон барои минбаъд аз ҷониби онҳо амалӣ гардидиани ҳуқуқд бегона намудани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин пешбинӣ нашудааст. Лоиҳа дар ин ҳолат  тасдиқ намудани тартиби  музднок ва бемузди додани қитъаҳои замин аз ҷониби заминистифодабарандагон, андозаи қитъаҳои заминро, ки бемузд ё музднок дода мешаванд, ба ваколати Ҳукумати ҶТ ҳавола менамояд, , , ки ин метавонад  татбиқи Қонунро ба чанд соли дигар ба таъхир андозад.

## БОБИ 2. ИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ АСОСИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ -ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ) ВА МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО

Дар сохтори истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ ҷои асосиро ***хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)*** ишғол менамоянд, ки молистеҳсолкунандагони асосии кишоварзӣ ба ҳисоб меравaнд. Қонунгузории ҶТ ба дигар шаклҳои ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ имконияти ба пурраги анҷом додани фаъолияти самаранокро дар соҳаи маҳсулоти кишоварзӣ намедиҳанд. Ҳамин тавр, молистеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ имрӯз наметавонанд фаъолияти соҳибкориро дар соҳаи кишоварзӣ ба шакли ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ анҷом диҳанд, ки сабаби асосии он вуҷуд доштани номукамалӣ дар соҳаи қонунгузории ҶТ оид ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошад.

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ инчунин аз тарафи кооперативҳои истеҳсолии камшумор анҷом дода мешава,д аммо дар соҳаи истеҳсолот ҳиссаи онҳо ночиз мебошад (мушкилоти вобаста ба рушди ҳаракати кооперативӣ дар ҷумҳурӣ минбаъд баррасӣ мегарданд).

Фаъолияти хоҷагиҳои деҳқониро (фермерӣ) Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) танзим менамояд, ки 19 маи соли 2009 дар таҳрири нав қабул шудааст. Ин қонун амали Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 10 маи соли 2002 - ро барҳам дод. Аммо қонуни нав камбудиҳои қонуни пешина, алалхусус мухолифати онро бо қонунгузории ҶТ, хусусан Кодекси граждании ҶТ бартараф накард. Дар натиҷа истифодаи Қонуни мазкур мушкилоти зиёдеро дар амалия ба вуҷуд оварда, ба таври назаррас ба рушди соҳаи кишварзӣ монеъа мешавад.

Пеш аз ҳама, мушкилоти мазкур вобаста бо муқаррар кардани шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ мебошад, ки Қонуни мазкур дар мухолифат бо Кодекси граждании ҶТ пешбинӣ кардааст. Номуайянии мақоми хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар навбати худ танзими муносибатҳои амволии хоҷагиҳои мазкур, тартиби идоракунии хоҷагиҳои деҳқонӣ, тартиби тақсими фоида ва зиёни хоҷагиҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ғайраро шиддат мебахшад.

Ба ғайр аз ин , истифодаи тамоми системаи қонунгузории тиҷоратӣ нисбати ин гуна хоҷагиҳо ба таври назаррас мушкил мегардад. Қонунгузории мазкур ба КГ ҶТ асос ёфта, танҳо ба он меъёрҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ татбиқ мегардад, ки дар КГ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Мухтасаран, қонунҳое, ки фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратиро танзим менамоянд, бо дарназардошти КГ ҶТ фаъолияти танҳо соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқиро танзим менамоянд, аммо хусусиятҳои шаклҳои хоҷагидории деҳқонӣ (фермер)-ро ба назар намегиранд ва ҳам наметавонанд ба назар гиранд, зеро онҳо дар КГ ҶТ пешбинӣ нашудаанд.

Ҳамин тавр, баъзе мушкилотеро, ки ба фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ вобаста мебошанд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

1. Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» шакли махсуси ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқониро муқаррар менамояд. Бинобар меъёрҳои Қонуни мазкур, хоҷагиҳои деҳқонӣ – ин шакли мустақил, махсуси ташкилӣ-ҳуқуқии соҳибкорӣ дар кишоварзӣ бе ташкили шахси ҳуқуқӣ

буда, чӣ аз шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва чӣ аз соҳибкорони инфиродӣ фарқ дорад ва дар қонунгузории ҷорӣ меъёри ба худ шабеҳро надорад.

Моддаи 7-и Қонун муқаррар менамояд, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолияти худро бе ташкили шахси ҳуқуқӣ татбиқ менамоянд. Мувофиқи моддаи 5 хоҷагии деҳқонӣ метавонад дар шакли хоҷаги ***деҳқонии фардӣ***, ки дар он фаъолияти меҳнатӣ ба соҳибкории як шахс асос ёфтааст, , хоҷагии ***деҳқонии оилавӣ***, ки дар он фаъолияти меҳнатӣ дар шакли соҳибкории оилавӣ дар заминаи моликияти якҷоя асос ёфтааст;

***ва хоҷагиҳои деҳқонии шарикӣ*** –дар заминаи моликияти умумии ҳиссагӣ ташкил шаванд.

Акнун мувофиқати онҳоро бо меъёрҳои Кодекси граждании ҶТ дида баромада, оқибатҳои ҳуқуқии зиддияти меъёрҳои ин қонунҳоро баррасӣ менамоем.

- Кодекси граждании ҶТ мавҷудияти чунин субъектҳои ҳуқуқиро монанди шахси воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкориро ба сифати сохибкори инфиродӣ татбиқ мекунад ва шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд. Худи хоҷагии деҳқонӣ дар КГ ҶТ ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқ пешбинӣ нашудааст. Ба талаботи КГ ҶТ танҳо меъёри моддаи 5 оид ба ташкили хоҷагии деҳқонӣ дар шакли *хоҷагии деҳқони фардӣ* мувофиқат мекунад. Чунин шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ чун *хоҷагии оилавии деҳқонӣ ва* ***хоҷагиии шарикӣ,*** дар КГ ҶТ пешбинӣ нашудаанд. Мувофиқан, хоҷагии деҳқоние, ки дар чунин шаклҳо ташкил мешавад, қобилияти ҳуқуқӣ надошта, наметавонад субъекти муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ бошад, яъне он дорои ҳуқуқ набуда ҷавобгариро ба ӯҳда надорад. Ин ҳолат чӣ гуна дар амалия ба фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсир мерасонад?

Мушкилот аз аввал дар зинаи бақайдгирии давлатӣ сар мешавад. Азбаски хоҷагии деҳқонӣ дар КГ ҶТ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ пешбинӣ нашудааст, ба қайди давлатӣ худи хоҷагии деҳқонӣ гирифта намешавад. Дар амал аз номи хоҷагии деҳқонӣ сардори хоҷагии деҳқонӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта мешавад, зеро Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» , бақайдгирии танҳо субъектҳои ҳуқуқеро, ки қонунгузории граждании ҶТ муқаррар намудааст, пешбинӣ менамояд. Ҳамин тавр, ба сифати субъекти муносибатҳои хуқуқӣ мувофиқи қонунгузории гражданӣ метавонад танҳо сардори хоҷагии деҳқонӣ баромад кунад ва тамоми ӯҳдадориро танҳо ӯ ба дӯш дорад. Мақомоти судӣ дар ҳолати қатъиян риоя кардани «фармоиши ҳарфи Қонун» метавонанд танҳо сардори хоҷагиҳои деҳқониро, ки дорои мақоми соҳибкори инфиродӣ мебошанд, ҳамчун ҷавобгар ҷалб намоянд. Бояд инчунин ба назар гирифт, ки агар молу мулк ба хоҷагии деҳқонӣ дар асоси ҳуқуқи моликияти умумии ҳиссагӣ дахл дошта бошад, чи тавре ин дар ташкили хоҷагии деҳқонии шарикӣ ешбинӣ шудааст, он гоҳ сардорони хоҷагиҳо, ҳамчун соҳибкор, мувофиқи Қонун, бояд танҳо мувофиқи ҳиссаи худ дар хоҷагии мазкур ҷавобгар бошад.

Дар айни ҳол бояд таъкид гардад, ки худи Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» моддаи алоҳидаро оид ба ҷавобгарии хоҷагии деҳқонӣ муқаррар намекунад. Дар он меъёр оид ба тарзи аз тарафи хоҷагии деҳқонӣ бурдани ҷавобгарӣ ҳангоми риоя накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ, кредитӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва андоз, талабот оид ба сифати маҳсулот ва дигар вайронкуниҳои анҷом додани фаъолияти хоҷагидорӣ муқаррар нашудаст.

2. Чунин шакли хоҷагидорӣ, ба монанди ***хоҷагии деҳқонии оилавиро*** муқаррар намуда***,*** Қонун мушаххас намекунад, ки кадоме аз аъзоёни оила метавонад узви хоҷагии оилавии деҳқонӣ гардад. Моддаи 4 муқаррар менамояд, ки «падару модарон, ҳамсар, фарзандон ва дигар шахсони қобили меҳнат, ки якҷоя дар хоҷагии деҳқонӣ фаъолият доранд, метавонанд аъзои он бошанд.». Мафҳуми «падару модарон, ҳамсар, фарзандон», хусусан, мафҳуми «*дигар шахсони* қобили меҳнат*»* хеле васеъу номуайян буда, ба саволи он, ки киро мушаххасан метавон ҳангоми ташкили хоҷагии деҳқонии оилавӣ узви оила донист, ҷавоб намедиҳад.

Ин гуна хоҷагиҳо инчунин метавонад аз тарафи гурӯҳи номуайяни шахсон ташкил карда шаванд. Инчунин бо назардошти он, ки ки мувофиқи Қонуни мазкур молу мулки хоҷагии оилавии деҳқонӣ моликияти якҷояи ***аъзоёни хоҷагӣ*** мебошад, вале шакли ин хоҷагӣ дар КГ ҶТ муайян нашудааст, дар амал ҳангоми татбиқи меъёрҳои Қонун мушкилоти ҷиддӣ ба вуҷуд меоянд.
Бо мақсади ба миён наомадани ҳар гуна нонофаҳмиҳо, мувофиқи мақсад аст, ки ин руйихат (бародарон, хоҳарон, келинҳо, наберагон) аниқ карда шавад.

Номуайянии мақоми хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) сабаби асосии бо ҳам зид будани дигар меъёрҳои Қонун, номувофиқатии он умуман, бо қонунгузории ҶТ ва номуайян будани ҳуқуқи аъзоёни ин гуна шаклҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад. Баъзе аз ин гуна мушкилиро баррасӣ менамоем, ки дар ҳар сурат ба номуайянии мақоми хоҷагиҳои деҳқонӣ вобаста мебошанд:

- Яке аз масъалаҳои баҳсноктарин ва сабаби асосии самаранок набудани рушди чунин шакли хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) масъалаи нигоҳ доштани институти ҳиссаи замин мебошад. Худи мафҳуми ҳиссаи замин дар рафти азнавташкилдиҳии собиқ колхозҳо, совхозҳо ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ ба вуҷуд омадааст, ки он вақт бояд қитъаҳои замини ба онҳо тааллуқдошта ба шаҳрвандон-аъзоёни колхоз ва совхозҳо барои истифодабарии коллективӣ-ҳиссавӣ дода мешудандАслан, шахсони гирандаи қитъаҳои замин (одатан, ба истифодабарии коллективӣ-ҳиссавӣ) аъзоён ва коргарони колхоз ва совхозҳои азнавташкилшуда буда, дорои ҳуқуқи истифодабарӣ аз ҳиссаи замин (саҳм) мешуданд. Ҳангоми анҷом додани ин гуна шаклиислоҳот таҳиягарон мехостанд, ки истифодабарии коллективӣ-ҳиссавии замин, ҳамчун шакли гузариши заминистифодабарӣ баромад намуда, барои рушди чӣ шакли коллективӣ, чи шакли хусусии хоҷагидорӣ мусоидат намояд. Ҳуқуқи бо Қонун кафолатдодашудаи аз колхозу совхозҳо бо саҳми замин ва амвол озодона баромадани кормандон, инчунин татбиқи сиёсати мақсадноки иқтисодӣ метавонистанд трансформатсияи мунтазами ҳуқуқ ба саҳмро ба моликияти хусусӣ ба замин таъмин менамуданд. Тахмин карда шуда буд, ки аъзоёни пештараи колхозҳо минбаъд ҳиссаи худро хариднамуда, метавонанд хоҷагиҳои шахсӣ ташкил кунанд. Так как во многих бывших социалистических государствах была установлена частная собственность на землю, реформа со временем была успешно завершена, посредством выкупа этой доли членами бывших колхозов и совхозов. Азбаски дар аксари давлатҳои пештараи сотсиалистӣ моликияти хусусӣ ба замин муқаррар шуда буд, ислоҳот минбаъд бомуваффақият бо роҳи харида шудани ин ҳисса аз ҷониби аъзоёни пештараи колхозу совхозҳо ба охир расида буд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

бошад, тамоман вазъияти дигар ба вуҷуд омад, зеро дар ин ҷо замин моликияти давлат буда, харида гирифтани ҳиссаи худ ва минбаъд анҷом додани аҳдҳои граждани̅ бо ин ҳисса ғайриимкон буд. Қонунгузории ҶТ дар бораи хоҷагиҳои деҳқони̅ (фермери̅) масъалаи мазкурро мутлақо ба дигар роҳ ҳаллу фасл кард. Қонунҳо дар бораи хоҷагиҳои деҳқони̅ (фермери̅)ии чи соли 2002, чи соли 2009, чунин меъёрро чун ташкили хоҷагиҳои деҳқони̅ (фермери̅) аз тарафи ***гурӯҳи шахсон*** дар шакли ***хоҷагиҳои деҳқонии шарикӣ*** муқаррар карданд. Воқеан, колхозҳо ва совхозҳо бо **аъзоёни сершумор** ба ***хоҷагии деҳқонии шарикӣ,*** яъне шакли ҳуқуқӣ бе ташкили шахси ҳуқуқии бо қонунгузории граждани̅ пешбини̅ нашуда, бо шакли номуаяйни идоракуни̅, , номуайянии муносибатҳои молу мулки̅ ва ӯҳдадориҳои хоҷагиҳо, инчунин, номуайянии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзоён табдил дода шудандҲуқуқи ҳар як узви ин гуна хоҷаги̅ ба ҳиссаи замини ӯ дар амволи умумии хоҷагиҳои деҳқони̅ нигоҳ дошта шуд, аммо қонунгузори̅ воқеан, ҳуқуқи истифодабарии ҳиссаи мазкурро (саҳми заминро) аз тарафи аъзоёни хоҷагиҳо маҳдуд намуд.

Қонун чи̅ гуна воқеан, истифодабарии ҳиссаи худро аз тарафи аъзоён маҳдуд менамояд?

Мувофиқи моддаи 15-и Қонунқитъаи замин ба хоҷагии деҳқони̅ яклухт ҷудо карда мешавад ва танҳо ҳангоми аз хоҷагии деҳқони̅ ҷудо шудани узви хоҷагии деҳқони̅ ҳиссаи ӯ ба шакли натурали̅ аз як тарафи тарҳи замин, дар заминҳои обёришаванда бошад, аз қисми поёнии тарҳи замин ҷудо карда мешавад.

Гарчанде аъзоён соҳиби ҳисса (саҳми замин) дар қитъаи замин бошанд ҳам, ҳудудҳои мушаххаси қитъаи замин, ки ба аъзоёни хоҷагии деҳқони̅ мансубанд, муқаррар карда нашудаанд. ***Ҳуқуқи ба ҳиссаи замин*** ва ***ҳуқуқи ҷудо кардани ҳисса*** — аслан ҳуқуқҳои гуногунимебошанд. Ҳуқуқ ба ҳиссаи замин, то оне, ки ин ҳисса ба шакли натурали̅ (дар маҳал) ҷудо нашуда бошад, наметавонад ҳамчун ҳуқуқи истифодабари̅ аз қитъаи замин ба ҳисоб равад***,*** яъне ҳуқуқ ба ҳиссаи замин — танҳо ҳуқуқи ҷудо кардани мол — қитъаи замин мебошад..Таносубан ҳиссаи замин (саҳм) наметавонад *объекти ҳуқуқи истифодабари̅ ба ҳисоб равад.* Ҳангоми мавҷуд будани муносибат оид ба ҳиссаҳои замин ***объекти бевоситаи ҳуқуқи истифодабарии замин*** — қитъаи мушаххаси замин, ки ба шахс мансуб аст, мавҷуд нест. Дар ин ҳолат татбиқи ҳуқуқ оид ба истифодабарии замин ғайриимкон мебошад. Ҳангоми номуайян будани объекти ҳуқуқ соҳибияти воқеии қитъаи замин, инчунин истифодабарии чунин объект ғайриимкон мебошад. Дорандаи саҳми замин наметавонад ҳуқуқи худро ба гарав гузорад, онро ба иҷора диҳад ва ё ба таври дигар онро истифода намояд. Ҳамин тавр, гарчанде моддаи 19-и Кодекси замини ҶТ ҳуқуқи истифодабарандагони якумдараҷаи заминро нисбати ба иҷора ва ё гарав додани ҳуқуқи истифодабарии замин пешбини̅ намояд ҳам, моддаи 25-и Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқони̅ (фермери̅)», ки ҳуқуқи аъзоёни хоҷагиҳои деҳқониро ба танзим медарорад, ба иҷора додан ва ё ба гарав гузоштани саҳми худро аз тарафи узви хоҷагии деҳқони̅ пешбини̅ наменамояд.

- Мувофиқи моддаи 23 ҳуқуқи истифоди қитъаи замин бо сертификати ҳуқуқи истифодаи замин тасдиқ карда шуда, андозаи саҳми замини ҳар як узви хоҷагии деҳқони̅ бо Шаҳодатномаи саҳми замин тасдиқ мегардад. Бо қонунгузори̅ муқаррар

карда шудани ду ҳуҷҷат низ маҳдуд будани ҳуқуқи аъзоёни хоҷагиҳоро ҳамчун истифодабарандагони замин бараъло нишон медиҳад.

Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ба хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дода мешавад, аммо азбаски хоҷагии деҳқонӣ бинобар муайян набудани мақоми ҳуқуқиаш ба номи сардори хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта мешавад, , Сертификат ҳуқуқи истифодаи замин бояд ба сардори хоҷагии деҳқонӣ дода шавад. Мувофиқан, ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳамаи натиҷаҳои он танҳо ба сардори хоҷагӣ дахл дорад (ва ё ба худи хоҷагӣ, агар фарз кунем, ки он ба номи худи хоҷагии деҳқонӣ ба расмият даровarda шудааст) ва Сертификат наметавонад ҳуҷҷате гардад, ки ҳуқуқи истифодаи заминро аз тарафи аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) тасдиқ намояд. Ба аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ Шаҳодатномаи саҳми замин дода мешавад, ки он танҳо ҳуқуқи онҳоро ба ***андозаи муайяни*** саҳми замин, бе муқаррар кардани ***ҳудудҳои муайян***, тасдиқ менамояд. Мутобиқан, ин гуна ҳуҷҷат ба аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ имконияти истифодабарии ҳуқуқҳои заминистифодабарии худ намедиҳад.

Таъкид кардан зарур аст, ки дар ҳолати қабул кардани тағйиротҳо ба КЗ ҶТ, ки ихтиёрдорӣ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро аз ҷониби заминистифодабарандагон пешбинӣ менамояд, институти «саҳми замин» дар шакли мавҷуда метавонад ба тағйироти ҷиддӣ мувоҷеҳ гардад. Дар ин ҳолат ба заминистифодабарандагон имконияти мушаххаси пурра истифода намудани тамоми ҳуқуқҳои заминистифодабарии худ ба миён меояд (бо ҳуқуқи заминистифодабарӣ анҷом додани тамоми аҳдҳои ҳуқуқӣ-граждании). Табиист, ки аъзоёни хоҷагиҳо тамоми чораҳоро барои истифода аз ин ҳуқуқи худ меандешанд. Дар ин ҳолат, ночор ин институт ба гузашта меравад.

- Қонун тартиби тақсимкунии фоида ва зиёнро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аниқ муқаррар намекунад. Меъёрҳои он иштироки ҳатмии меҳнатии тамоми аъзоёни хоҷагии деҳқониро дар фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ (моддаҳои 1, 28, 29) пешбинӣ намуда, аммо муяйн намекунад, ки фоида вобаста аз саҳм ва ё иштироки меҳнатӣ тақсим карда мешавад..

- Моддаи 5 муқаррар менамояд, ки ***фаъолияти хоҷагидории*** хоҷагии деҳқонии шарикӣ бо шартнома дар бораи фаъолияти якҷоя танзим карда мешавад. Қонун инчунин ҳуқуқ медиҳад, аммо вазифадор намекунад, ки хоҷагии оилавии деҳқонӣ фаъолияташро дар асоси шартномаи мазкур анҷом диҳад. Моддаи 6 меъёрҳоро нисбати бастани чунин шартнома муқаррар менамояд.

Мувофиқати ин меъёрҳо ба Кодекси граждании ҶТ баррасӣ менамоем:

- ✓ бояд аз аввал таъкид гардад, ки истилоҳи дар қисми 3 моддаи 5 истифодашудаи «фаъолияти хоҷагидорӣ» бемаврид мебошад. Ин гуна шартнома мувофиқи КГ ҶТ «фаъолияти якҷоя», на «фаъолияти хоҷагидориро» танзим менамояд, ки ин ду мафҳуми тамоман гуногун мебошанд. Муцофиқи моддаи 1058 КГ ҶТ тибқи шартномаи фаъолияти якҷоя ширкати оддӣ (шартнома оид ба фаъолияти якҷоя) ду ё зиёда ашхосе, ки шарикон номида мешаванд, ӯҳдадор мегарданд ҳиссаҳои

худро муттаҳид намуда, якҷоя, бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ барои ба даст овардани фоида ё ноил шудан ба мақсади дигар, ки хилофи ѕонун намебошад, амал кунанд. Тарафҳои шартнома танҳо ***соҳибкорони инфиродӣ ва (ва ё) ташкилоти тиҷоратӣ*** буда метавонанд. Дар ҳолати номбурда тарафҳои шартнома на субъектҳои мустақил – соҳибкорони инфиродӣ ва ё ташкилоти тиҷоратӣ мебошанд, балки аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд, ки ба шакли ин гунна субъектҳоба қайд гирифта нашудаанд. Ҳамин тавр, ин шартнома наметавонад шартномаи фаъолияти якҷояи (ширкати оддии) дар КГ ҶТ пешбинишуда бошад.

- ✓ Тарафҳои шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ) баробаранд. Аммо дар ин ҳолат сардори хоҷагии деҳқонӣ дорои ваколатҳои муайяни ҳокимиятӣ буда, наметавонад бо ҳамаи аъзоёни хоҷагии деҳқонӣ баробар бошад. Ӯ на танҳо манфиатҳои хоҷагии деҳқониро намояндагӣ мекунад, тавре, ки он бо меъёрҳои КГ ҶТ оид ба намояндагӣ пешбинӣ шудааст, балки фаъолияти хоҷагии деҳқониро роҳбарӣ менамояд (моддаи 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)».

- Номуайянии мақоми хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) на танҳо дар соҳаи идоракунии ин гуна хоҷагиҳо, муносибатҳои молумулкии он мушкилот юа амал меорад, балки сабаби номуайянии ҳуқуқҳо ва ҳифз нагардидани аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии оилавӣ ва шарикӣ мегардад. Мисоли равшан мушкилоти ҳифзи иҷтимоии аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад, ки онҳо воқеан, дорои ҳуқуқҳои молу мулкӣ набуда, дар амалия аз рӯи мақоми худ ба коргарони кироя баробар карда мешаванд. Бо мақсади таъминоти иҷтимоии аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ, ба низом даровардани иҷрои ӯҳдадориҳои андоз аз тарафи аъзоёни хоҷагии деҳқонӣ, хусусан пардохти андози иҷтимоӣ, дар қисмҳои 4 ва 5-и моддаи 6 ӯҳдадории пешниҳоди нусхаи шартномаи фаъолияти якҷоя ба мақомоти андоз ва мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст. Бояд қайд кард, ки қонунгузории граждании ҶТ ӯҳдадории пешниҳоди нусхаи шартномаро ба мақомоти давлатӣ пешбинӣ накарда,ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ба чунин тарз на танҳо мухолифи қонунгузории гражданӣ ва мазмуни шартнома мебошад, балки воситаи хеле заиф ва бесамари ҳифзи иҷтимоии аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аст. Шояд бо ҳамин ҳадаф моддаи 4 муқаррар менамояд, ки узвият дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бо қайд кардан дар дафтарчаи меҳнатӣ ва шартномаи фаъолияти якҷояи аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ муайян карда мешавад. Зарур аст таъкид гардад, ки қайд дар дафтарчаи меҳнатӣ асоси ҳуқуқии муайян кардани узвият намебошад. Мувофиқи моддаи 56 КМ ҶТ дафтарчаи меҳнатӣ танҳо ҳуҷҷате мебошад, ки ***собиқаи меҳнатиро тасдиқ менамояд,*** қайди ин дафтарча бошад, бояд дар асоси фармон оид ба қабул ба кор ва баста шудани шартномаи меҳнатӣ анҷом дода шавад. Ҳамчунин шартномаи фаъолияти якҷояро низ чун ҳуҷҷати муқарраркунандаи узвият дар хоҷагии деҳқонӣ баррасӣ кардан нашояд.

  Хоҷагиҳои деҳқонӣ, мазмунан, бояд бо қарори маҷлиси аъзоёни (муассисони) ин гуна хоҷагиҳо ташкил карда шаванд, ки он бояд протокол карда шуда аз тарафи муассисон (аъзоён) имзо карда шавад .Ин ҳуҷҷат асоси ҳуқуқии муқаррар кардани муассисон ва ё аъзоёни хоҷагиҳо мебошад. Аммо ин ҳуҷҷатро Қонун ба ин сифат баррасӣ наменамояд.Моддаи 11-и Қонун пешниҳод менамояд, ки маҷлиси аъзоёни хоҷагии деҳқонӣҳангоми аз ҷониби узви хоҷагии деҳқонӣ бе сабабҳои узрнок дар давоми зиёда аз як сол иштирок накардан дар фаъолияти хоҷагидорӣ, истифода накардани саҳми замин

метавонад бо қарораш узвро аз аъзогӣ хориҷ намуда, саҳми замини онро ба аъзои доимии хоҷагии деҳқонӣ тақсим намояд ё ин, ки шахси дигарро ба узвият қабул намуда, саҳмдор намояд. Меъёри мазкур боз як тасдиқи маҳдуд кардани ҳуқуқи аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ ва номуайянии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо мебошад. Бояд қайд карда шавад, ки ҳиссаи замини узви хоҷагиҳои деҳқонӣ мувофиқи Кодекси замини ҶТ ҳуқуқи истифодаи замини аъзоёни хоҷагиҳо мебошад. Мувофиқи моддаи 37 КЗ ҶТ бошад, асоси қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин метавонад истифода набурдани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ дар давоми ду сол гардад. Қарор оид ба қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин бо чунин асос, мувофиқи моддаи 39 КЗ ҶТ, танҳо аз тарафи суд қабул карда мешавад.

- Меъёри моддаи 11 Қонун «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» дар ин ҳолат ба меъёри КЗ ҶТ мухолифат менамояд. Ба ғайр аз ин, бояд ба назар гирифта шавад, ки замин бо қарори мақомоти маҳаллии дахлдори давлатӣ ҷудо карда шуда, танҳо мақоми ин гуна қарорро қабулкунанда ҳуқуқи муайян кардани истифодабарандаи заминро дорад. Мутлақан номуайян аст, ки чаро ба маҷлиси хоҷагии деҳқонӣ ин гуна ваколатҳо дода мешавад. Маҷлиси аъзоёни хоҷагии фермерию деҳқонӣ натанҳо худ аъзоёнро аз таркиби хоҷагӣ хориҷ мекунад ва ҳуқуқи истифодаи заминро аз онҳо мегирад, балки муқаррар менамояд, ки кӣ бояд истифодабарандаи замин бошад.
  Зарур аст, ки зиддияти Қонун «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» нисбати ваколати маҷлиси хоҷагиҳои деҳқонӣ бартараф гардида, он пурра бо Кодекси замини ҶТ мутобиқ карда шавад.

3. Яке аз мушкилоти назарраси Қонуни мазкур манъи воқеии ташкил кардани хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ мебошад. Моддаи 14 муқаррар менамояд, ки ***узфи хоҷагии деҳқонии фардӣ*** ва ***аъзои хоҷагии деҳқонии оилавӣ*** метавонанд шахси ҳуқуқиро дар шакли ширкати хоҷагидорӣ (ширкати комил ё ширкати ба бовари асосёфта) ) ва кооперативи истеҳсолӣ ташкил намоянд. Бо дарназардошти ин меъёр, метавон чунин хулоса намуд:

- Аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шакли ***хоҷагиҳои деҳқонии шарикӣ*** наметавонад шахсони ҳуқуқиро, ки моддаи мазкур пешниҳод намудааст, ташкил намояндТанҳо узви хоҷагиҳои деҳқонии фардӣ ***ва аъзоёни хоҷагии деҳқонӣ оилавӣ*** метавонад шахси ҳуқуқӣ ташкил намояд, вале онҳо наметавонанд онҳоро ба шакли ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ (ҷамъиятои дорои масъулияти маҳдуд ва ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ) ташкил намоянд.
- Азбаски моддаи 7 муқаррар менамояд, ки хоҷагии деҳқонӣ бе ташкили шахси ҳуқуқӣ ташкил карда мешавад ва моддаи 14 муқаррар менамояд, ки шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби «аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ» ташкил карда мешаванд, яъне, худи шаҳрвандон мустақилона наметавонанд хоҷагии деҳқониро дар шакли шахси ҳуқуқӣ ташкил намояд, агар узви хоҷагии деҳқонӣ набошад.

- Муқаррар кардани ин гуна маҳдудиятҳо дар Қонун беасос ва нодуруст мебошад.

Мушкилоти ҳуқуқии мазкур ба он мусоидат менамояд, ки дар амалия сардорони хоҷагиҳои деқонӣ воқеан, худашон фаъолияти хоҷагидории хоҷагии деҳқониро муқаррар намуда, мустақилона тамоми аҳдҳоро аз номи хоҷагиҳо мебанданд ва, пурра тамоми молу

мулки ва фоидаи хоҷагиро ихтиёрдорӣ менамоянд. Аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ воқеан, танҳо ҳамчун коргарони кироя бо пардохти маоши муайян ба онҳо, мувофиқи салоҳдиди сардори хоҷагии деҳқонӣ истифода мешаванд. Амалия нишон медиҳад, ки шартномаи бо Қонун пешбинишудаи фаъолияти якҷоя байни аъзоёни хоҷагиҳо баста нашуда дар бораи ҳуқуқҳои худ аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ воқеан, чизе намедонанд.

# БОБИ 3. МУШКИЛОТИ ҲУҚУҚИИ РУШДИ ҲАРАКАТИ КООПЕРАТИВӢ

Дар як қатор санадҳои меъёрии аз тарафи Ҳукумати ҶТ қабулшуда самти имтиёзноки ислоҳоти аграрӣ –рушди муносибатҳои кооперативӣ дар комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла, дастгирии ташкили намудҳои кооперативҳои истеҳсолӣ, коркардкунанда, агрохизматрасонӣ, қарзӣ ва суғуртавӣ аз тарафи молистеҳсолкунандагон номбар шудааст.

Дар аксари кишварҳои ҷаҳон кооперативҳо мавқеи асосиро дар истеҳсолоти кишоварзӣ ва саноати хурд, дар соҳаи фурӯш, таъминот, қарздиҳӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои гуногун ишғол менамоянд. Ба панҷгонаи аввал оид ба ба сатҳи кооператсияи истеҳсолоти сабзавот Нидерланд, Белгия, Германия, Франсия ва Испания дохил мешаванд. Маҳз аз тариқи кооперативҳо назорати сифати маҳсулоти сабзавот татбиқ карда мешавад. Кооперативҳо ба иттиҳодияхо муттаҳид шуда, тамоми фурӯши яклухтро назорат карда, алоқамандии илму истеҳсолотро таъмин менамоянд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардидааҳамияти рушди ҳаракати кооперативиро дар ҶТ таъкид намуда, зарурияти гузаронидани ислоҳоти қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти кооперативҳоро пешбинӣ менамоянд.

Дар байни ин санадҳо махсусан Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъкид кардан мумкин аст, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 № 658 қабул шудааст. Дар Консепсия таъкид карда мешавад, ки қисми зиёди хоҷагиҳои ташкилшудаи деҳқонӣ (фермерӣ) аз ҷиҳати андозаҳо маҳдуд, аз ҷиҳати сохтори хоҷагидорӣ камсамара буда, аксари хоҷагиҳои хурди навтаъсиси деҳқонӣ (фермерӣ) дар алоҳидагӣ дар пешбурди агробизнес мушкилоти зиёдро эҳсос менамоянд . Барои ҳалли проблемаи мазкур бояд ба таъсиси шаклҳои мухталифи кооперативҳо ва дигар иттиҳодияҳо нақши муҳим дода шавад.

Хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ (фермерӣ) наметавонанд аз технологияи баланди истеҳсолот истифода баранд, зеро бо ин ҳаҷми хоҷагиҳо, даромади ба даст оварда ва мавҷуд набудани техникаи аълои кишоварзӣ имкон намедиҳад.

Аммо дар ҶТ то ба ҳол заминаи дахлдори қонунгузории рушди кооперативҳо ташкил карда нашудааст.

Фаъолияти кооперативҳо дар ҶТ бо Кодекси граждании ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» танзим мегардад. Кодекси гражданӣ ташкили ду навъи кооперативҳоро дар назар дорад: истеҳсолӣ ва матлубот, ки ҳар кадоме аз онҳо ҳуқуқи татбиқи фаъолияти коркард, фурӯш, хизматрасонии маишӣ ва дигар фаъолияти манънашударо доранд. Аммо, меъёрҳои дар онҳо мавҷудбуда, инчунин меъёрҳои Қонунҳои ҶТ «Дар бораи кооператсияи матлубот» ва «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ», дар ҳар ҳол, имконияти ташкил кардани кооперативҳои қарзӣ ва суғуртавиро намедиҳанд, ки хусусияти ташкил ва фаъолияти онҳо мисли пештара ба фазои ҳуқуқӣ ворид нагардида аз ҷониби қонунгузории ҶТ танзим намешавад.

Кодекс ба кооперативҳои истеҳсолӣ ва матлубот намуд ва принсипҳои ташкил ва фаъолияти ба онҳо хос набуда ва бо таҷрибаи ҷаҳонӣ мухолифро мансуб медонад. Мувофиқи КГ ҶТ

кооперативҳои истеҳсолӣ ба шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, кооперативҳои матлубот бошад, ба ғайритиҷоратӣ мансуб дониста шудаанд. Вале аз меъёрҳои нисбати кооперативҳо муқарраркардаи КГ ҶТ хулоса кардан мумкин аст, ки ба онҳо нишонаҳои ҳам шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ҳам ғайри тиҷоратӣ мансуб ҳастанд.

Фарқияти асосии байни ин ду намуди шахсони ҳуқуқӣ бо мақсади фаъолияти онҳо (гирифтани фоида ба сифати мақсади асосӣ ва ё нагирифтани фоида), ин чунин, тақсим накардани фоидаи гирифташуда байни иштирокчиён муайян карда мешавад, Аммо, ин фарқият на ҳамеша нисбат ба кооперативҳо истифода бурда мешавад. Мақсади асосии фаъолияти кооперативҳои истеҳсолӣ – ***на ба андозаи максималӣ расонидани фоида, балки хизматрасонии манфиатҳои иқтисодии молистеҳсолкунандагони муттаҳидгардида, ба даст овардани фоидаҳои муайян барои аъзоёни худ (аз ҷумла афзоиш додани фоиданокии хоҷагӣ),*** ки бо роҳи гирифтани фоида ба даст оварда мешавад. Ин мақсад кооперативи истеҳсолиро аз дигар шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, ки мақсади асосии фаъолияташон гирифтани фоида мебошад, фарқ мекунонад. Ҳамин тавр, бо дар назар гирифтани мақсади фаъолият, наметавон кооперативи истеҳсолиро пурра ба шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ баробар намуд.

Нисбати кооперативи матлубот бошад, ки Кодекс онро чун ташкилоти ғайритиҷорат, муқаррар кардааст, бояд таъкид кард, ки мувофиқи қисми 5 моддаи 128 КГ ҶТ***,*** даромади аз фаъолияти соҳибкорӣ ба дастовардаи кооперативи матлубот, ки вай бо ин фаъолият мутобиқи қонун ва оиннома машғул аст, байни аъзои он тақсим карда мешавад. Ин нишона кооперативҳои истеъмолиро бо шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ наздик менамояд. Гарчанде ки дар моддаҳои 50 ва 128 КГ ҶТ ду мафҳум - «фоида» ва «даромад», истифода бурда шаванд ҳам,бояд таъкид кард, ки КГ ҶТ фарқияти байни «даромад» ва «фоида»-ро муайян намекунад ва бинобар он муқаррар кардани меъёри тақсим кардани даромад байни аъзоён яке аз нишонаҳои шахси ғайритиҷоратии ҳуқуқӣ –***тақсим накардани фоида байни иштирокчиёнро-вайрон мекунад.***

Ба ғайр аз ин, мувофиқи КГ ҶТ дар баробари ташкилоти тиҷоратӣ кооперативи ***матлубот*** метавонад муфлис дониста ашавад ва мувофиқи тартиби пешбинишуда оид ба барҳам додани шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ барҳам дода шавад.

**Ҳамин тавр, мазмунан, кооперативҳо шахсони махсуси ҳуқуқӣ мебошанд, ки ба онҳо нишонаҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ хосанд. Фарқияти қатъиро бояд на байни кооперативҳои истеҳсолӣ ва матлубот, бо роҳи аввалиро ба ташкилоти тиҷоратӣ ва дуюмиро ба ғайритиҷоратӣ мансуб донистан, балки байни кооперативҳо (новобаста аз намудҳои гуногуни онҳо) ва ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, ки барои онҳо мақсади асосӣ ситонидани фоида мебошад, гузаронид. Қонуни ҶТ оид ба кооператсияи матлубот**

Қонуни ҶТ «Дар бораи кооператсияи истеъмолӣ» соли 1992 қабул шуд. Дар соли 2000 Кодекси граждании ҶТ ба амал ворид карда шуд, ки мувофиқи он ҳамаи Қонунҳо бояд ба мувофиқат бо ин Кодекс дароварда шавад. Гарчанде ба Қонуни ҶТ «Дар бораи кооператсияи матлубот» баъзе тағйирот ва иловаҳо ворид карда шуда бошанд ҳам, вале ин Қонун бо ҳамин ҳам ба КГ ҶТ мутобиқ нагардида, чи бо қонунгузории ҶТ чи бо зудаш дар мухолифат буда, хеле носаҳеҳ мебошад. Воқеан он нишонаҳои танзими сотсиалистии кооператсияи матлуботро нигоҳ дошт.

Қонун меъёрҳои ташкил ва фаъолияти кооперативи матлуботро чун шахси ҳуқуқии мустақил танзим нанамуда, масъалаҳои таъсиси ***системаи кооператсияи матлуботро*** танзим менамояд, ки

ба он  ҷамъиятҳои матлуботӣ ва иттифоқҳои онҳо дар деҳот, ноҳияҳо, шаҳрҳо, Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва ҷумҳурӣ дохил мешаванд.

Бояд таъкид гардад, ки мафҳуми «ҷамъият» ва «иттифоқҳо» дар Қонуни мазкур дар мухолифат бо муқаррароти КГ ҶТ дар бораи «иттиҳодия» ва «иттифоқ» қарор дорад.  Иттиҳодияҳо дар шакли ассотсиатсия (иттифоқҳо), ташкилоти ғайритиҷоратӣ  буда, аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ бо мақсади  ҳамоҳанг сохтани фаъолияти соҳибкории онҳо, инчунин, намояндагӣ ва ҳимоя намудани манфиатҳои умумии молу мулкии онҳо ташкил карда мешаванд. Дар ин Қонун бошад онҳо «кооперативҳо» шуморида мешаванд.

Моддаи 9 Қонуни мазкур «ҷамъиятҳои матлубот ва иттифоқҳои онҳо»-ро ҳамчун иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муқаррар намудааст.

Қонун     принсипҳои асосии ташкили кооперативҳо, тартиби ташкили кооперативҳои истеъмолматлуботӣ, меъёрҳо оид ба оинномаи кооператив, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзоёни кооператив, узвият дар кооператив ва қатъ гаштани он, мақомоти идоракунии кооператив ва ӯҳдадориҳои ҳар як мақомот, молу мулки кооператив, тартиби ташаккул додани молу мулки кооператив, тақсими фоидаи кооператив, ӯҳдадориҳои кооператив ва аъзоёнаш, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамхӯрии кооператив ва дигар масъалаҳоро муқаррар намекунад. Ба ҷои ин Қонун салоҳияти мақомоти идоракунандаи системаи ***кооператсия***, ташаккулёбӣ ва истифодабарии молу мулки ин системаро  ба танзим медарорад. Ташкилоти тобеъи ин система наметавонад мустақилона аз амволи худ бе иҷозати мақомоти болоӣ истифода намояд. Аҳамияти зиёд ба ваколати иттифоқи ҷумҳуриявии иттиҳодҳои истеъмолкунандагон-Иттифоқи Тоҷикматлубот дода шудааст, ки ба он вазифаи татбиқи сиёсат (дар баробари мақомоти давлатӣ), назорати фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории системаи кооператсия дода шудаанд, ки ин ба талаботи ГК ҶТ оид ба кооперативҳо, иттиҳодия ва ассотсиатсияҳо, мақсади ташкил ва принсипҳои фаъолияти онҳо дар мухолифат мебошад.  Меъёрҳои муқарраркардашуда оид ба муносибати давлат ва кооператсияи матлубот муносибати давлат ва кооператсияро, ки дар давраи шӯравӣ мавҷуд буданд, ба хотир меоранд. Чунончи, моддаи 7 пешбинӣ менамояд, ки мақомоти давлатӣ дар  мавриди  зарурат  ҳақ  доранд  «ба  раёсати ташкилоти болои ариза дода, ба он таклиф намоянд, ки ба раисони раёсатҳо ва дигар кормандони

Дар асоси ин Қонун кооперативи  матлуботиимустақилро, ки принсипҳои ташкил ва фаъолияти он ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ бошанд, ташкил кардан ғайриимкон аст. Тавре дар боло қайд шудааст, он ташкили  ҷамъиятҳои матлубот ва иттифоқҳои онҳоро дар деҳот, ноҳияҳо, шаҳрҳо,  вилоятҳо ва ҷумҳурӣ пешбинӣ менамояд, ки онҳо ба системаи ягонаи кооператсияи истеъмолӣ дохил мешаванд.

Имрӯзҳо бо мақсади бартараф кардани мушкилоти мавҷуда ва ташкили асоси ҳуқуқӣ барои рушди кооперативҳо дар асоси принсипҳои ҷаҳонӣ, дар назди Вазорати адлия гурӯҳи корӣ барои таҳияи Қонуни нав оид ба кооперативҳо ташкил карда шудааст. Гурӯҳи корӣ ба қарори ягона омаданд, ки дар Ҷумҳурии Таджикистан бояд қонуни умумӣ оид ба кооперативҳо қабул шавад. Бояд таъкид гардад, ки агар рушди қонунгузории кооперативӣ бо роҳи соҳавӣ равад, низоми қонунгузории кооперативӣ дар ҳолати хеле мушкил қарор хоҳад гирифт. Қонунҳои қабулшуда масъалаҳои ташкил ва фаъолияти кооперативҳои якшаклро ба таври гуногун ҳаллу фасл менамоянд. Таҳия ва қабули қонуни ягона хеле мубрам ва актуалӣ мебошад. Ин Қонун

принсипҳои ягонаи қонунгузории кооперативӣ, инчунин меъёрҳои умумии ташкил ва фаъолияти кооперативҳоро муқаррар менамояд.

Барои инкишофи бобарори ҳаракати кооперативӣ танҳо қабули Қонун дар бораи кооперативҳо кифоя нест. Кооперативҳо бояд кӯмак ва дастгириро аз тарафи давлат дошта бошанд. Бояд ташкили тартиби имтиёзноки андозбандӣ барои онҳо ва хусусан, озод кардани кооперативҳо аз андозбандии гардиши дохилии кооператив, ки дар кишварҳои ИА ва ИМА пешбинӣ шудааст, ташкил карда шавад.

# БОБИ 4. ШАРҲИ МУХТАСАРИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ДИГАР

Ба ғайр аз мушкилоти номбаршуда молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар фаъолияти худ бо мушкилоти ҷиддии дигар рӯбарӯ мешаванд. Ба ин гуна мушкилот мансубанд, аз ҷумла:

- Вайрон шудани асоси моддӣ-техникӣ (фарсудашавии парки мошинӣ-тарктории);
- Афзудани нархи захираҳои энергетикӣ ва маводҳои сӯзондану молидан;
- Вайрон шудани системаи обёрӣ;
- тараққиёти сусти зерсохтори иҷтимоӣ дар деҳот;
- норасоии воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо, поруи минералӣ, инчунин тухмиҳои аълосифат;
- Мушкилоти гирифтани қарз .

Мухтасаран баъзе аз мушилоти мазкурро баррасӣ карда, инчунин тавсияҳои бартараф кардани онҳоро дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дигар дида мебароем.

1. *Норасоии воситаҳои химиявии ҳифзи растаниҳо*

Истифодаи воситаҳои химиявии ҳифзи растаниҳо яке аз чораҳои зарурӣ ва муҳими афзудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Мушкилоти нарасидани воситаҳои химиявӣ ва зарурати ҳалли ин мушкилот дар байни доираҳои манфиатнок, инчунин дар сатҳи Ҳукумати ҶТ, хеле боз мавриди муҳокима қарор дорад. Бо мақсади ҳалли ин мушкилот инчунин як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул шудааст, аммо то ба имрӯз масъала ҳаллу фасли худро наёфта, чораҳои пешниҳодшуда низ бесамара боқӣ мемонанд.

4 июни соли 2006 бо қарори Ҳукумати ҶТ № 290 Барномаи мубориза бар зидди касалиҳо ва ҳашароти зараррасони боғу токзори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010қабул шуда буд, ки асоси муҳими ҳуқуқӣ барои ташкили чорабиниҳо барои мубориза бо ҳашароти зараррасон ва бемориҳои растанӣ гардид.

Дар Барнома таъкид шудааст, ки нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, махсусан коркарди кимиёвӣ ба муқобили касалиҳо ва хашаротҳои зараррасон дар солҳои охир сабаби асосии паст шудани ҳосилнокии боғоту ангурзорҳо гардидааст.

Дар асари зарари расида ҳар сол аз нисф зиёди ҳосили меваву ангур талаф меёбад.

Омӯзиш ва таҳлили ҳолати имрӯзаи боғу токзор нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ вобаста ба иқлим ва намуди дарахтон зиёда аз 20 намуди касалиҳо ва 55 намуди ҳашароти боғу токзор паҳн гаштаанд ки ба боғу токзор талафоти зиёд расонидаанд.Чунин сабабҳои асосии истифода нашудани воситаҳои кимимиявии ҳифзи растаниҳо нишон дода шудаанд:

1. Нарасидани маблағи молиявӣ ;
2. Нархи гарони заҳрхимикатҳо, сӯзишворӣ ва техникаи махсус;
3. Сатҳи пасти дониш;
4. Қобилияти ғаримақбули ташкилотчигии боғдорону ангурпарварон;

Хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ (фермерӣ) имконияти харидорӣ намудан ва нигоҳ доштани техника ва миқдори зиёди заҳрхимикатҳоро надоранд.

оркарди боғоти калон ва ангурзорҳо бо пестисидҳо талаб мекунад, ки трактор ва пульвелизаторҳои калонҳаҷм, инчунин автосистернаҳои обрасон дар заминҳои лалмӣ истифода бурда шаванд. Коркарди кимиёвии боғу токзори майдонашон калон зарурияти истифодаи трактору дорупошакҳои ҳаҷман калон ва мошинҳои систернадорро барои кашонидани об дар заминҳои лалмӣ ба миён меорад.

Барои ҳифзи боғу токзори ҷумҳурӣ аз касалӣ ва ҳашароти зараррасон Барнома татбиқи чорабиниҳои мазкурро пешбинӣ мекунад:

1. Сохтани лабораторияҳои биологӣ дар ноҳияҳои Рашт, Файзобод, вилояти Хатлон – ноҳияҳои Мӯъминобод, Хуросон, шаҳрҳои Истаравшан ва Панҷакенти вилояти Суғд, шаҳри Хоруғи ВАБК.
2. Таъмини давра ба давраи хоҷагиҳо бо механизмҳо, техника ва технология.
3. Ташкили амалиёти лизингӣ барои хариди техника ва технология.

Мутаассифона, чораҳои пешбинишуда на чандон самаранок ва амалӣ буда, бе таҳлили мушаххаси вазъият ва таъминоти зарурии молиявии гузаронидани ин чорабинихо пешбинӣ шудаанд . Бинобар ин ягон вазифае, ки аз тарафи Барнома гузошта шудааст, ба таври қаноатбахш иҷро нашудааст.

Чунончи, таъмини давра ба давраи хоҷагиҳо бо механизмҳо, техника ва технология бинобар нарасидании воситаҳои молиявӣ пурра татбиқ нашуда буд.

Пешниҳод оид ба татбиқи амалиёти лизингӣ, барои хариди техника ва технология бе муайян кардани шартҳои мушаххаси иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ барои рушди худи лизинг, яъне пешниҳодот оид ба такмили андозбандии имтиёзноки лизинг пешкаш гардидааст. Пешниҳодот оид ба ташкили гурӯҳҳои хизматрасонии техникии байниноҳиявӣ (МТС) бе назардошти тағйироти ба вуҷуд омада дар соҳаи комплекси агросаноатӣ тартиб дода шуда буд. МТС дар замони советӣ корхонаи бузурги давлатии хоҷагии қишлоқ барои хизматрасонии колхозҳо бо техникаи кишоварзӣ (тракторҳо, комбайнҳо ва ҳ.к.) дар асоси шартномавӣ будд. Дар замони мо вазъияти рушд ва фаъолияти ин гуна корхонаҳо хеле тағйир пазируфта аст. Ба ҷои ин корхонаҳо дар шароити ҳозира бояд ташкили кооперативҳои хизматрасонӣ пешниҳод мегардид.

3 декабри соли 2010 аз ҷониби Ҳукумати ҶТ бо №625 Барномаи нави мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва касалиіои боҷу токзори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 қабул карда шуд.

р Номгӯи чорабиниҳо оид ба иҷрои Барномаи мазкур аз ҷумла татбиқи чунин чорабиниҳоро пешбинӣ менамояд:

- Ташкили намудани гурӯҳи хизматрасонии механикикунонидани ноҳиявӣ ва байниноҳиявии мубориза бар зидди ҳашароту касалиҳои боғу токзор
- Ташкили намудани мағозаҳои махсуси и фурӯши заҳрхимикатҳо ва техникаи кишоварзӣ дар ноҳияҳо и;

- Ташкили намудани воридоти препаратҳои микробиологӣ ва ломҳои ферамонӣ ба ҷумҳурӣ барои мубориза бар зидди ҳашароту касалиҳои боғу токзор.

Татбиқи ин чорабиниҳо аз ҳисоби қарзҳои бонкӣ, маблағигрантҳо ва сарчашмаҳои дохила сурат мегирад.

Аммо мисли чорабиниҳои пешбинишуда дар Барномаи аввал, ин чорабиниҳо низ наметавонанд шароити заруриро барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар мубориза бо зараррасонҳо ҳал намуда мушкилотро бартараф намоянд.

Таъкид кардан зарур аст, ки дар соҳаи кишоварзии Иттиҳоди Шӯравӣ истифодаи авиатсия дар мубориза бо зараррасонҳо ва бемориҳои растанӣ воситаи самаранок ба шумор мерафт. Воситаи авиатсионии истифодабарии заҳрхимикатҳо дар навбати аввал коркарди саривақтии майдонҳои бузургро таъмин карда, имконият медод, ки дар давраи кӯтоҳи вақт майдони васеъи кишоварзӣ кор карда баромада шавад. Солҳои зиёд аст, ки дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ коркарди кимиёвӣ бо тайёраҳои АН-2 анҷом дода намешавад.

Ҳамин тавр, тавре таъкид меравад, сабаби асосии норасоии воситаҳои **химиявии муҳофизати растаниҳо** – нарасидани воситаҳои молиявӣ дар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои харидории техника ва технологияҳо боқӣ мемонад.

### *2. Норасоии поруҳои минералӣ, инчунин тухмиҳои олисифат*

Норасоии поруҳои **минералӣ ва органикӣ то ба ҳол мушкилоти асосии рушди соҳа боқӣ мемонад. Нархи баланди поруҳои минералӣ бо сабаби мавҷудияти андозҳои баланд** ва боҷҳои гумрукии барои ворид кардани поруҳои минералӣ **имконият намедиҳанд, ки** аксари хоҷагиҳои фермерӣ поруҳои зарурӣ ва босифатро харидорӣ намоянд. Дар бештари минтақаҳои ҷумҳурӣ вазъият тақозо менамояд, ки хоҷагиҳои фермерӣ маҷбур шаванд поруи минералиро дар бозори «сиёҳ» ба даст оранд. Ба ғайр аз он имтиёзҳо оид ба пардохтҳои гумрукӣ ва андозӣ дар кишварҳои ҳамсарҳад замина барои рақобати манфӣ ва маҳдуд кардани ҳуқуқи соҳибкорони боинсоф мегардад.

Тоҷикистон имконияти и ташкили соҳаи махсусгардонидашудаи истеҳсолӣ, ки машғули истеҳсоли поруи минералӣ ва воситаҳои химиявии ҳимояи растаниҳо мегардад, надорад, зеро барои истеҳсоли онҳо ашёи зарурӣ мавҷуд нест. Аз ин рӯ, дар ҷумҳурӣ бояд дигар чораҳо дида шавад, то ин ки воситаҳои мазкур и дар мавриди ҳозира ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) барои харид намудан дастрас бошанд. Яке аз ин гуна чораҳои амалӣ метавонад озод намудани воридоти поруи минералӣ, воситаҳои химиявии ҳимояи растаниҳо ва тухмиҳои ифат аълосифат аз андоз аз арзиши илова гардида мебошад озод **Таҳлили пурраи вазъияти вуҷуддоштаро** Ассотсиатсияи агробизнеси Тоҷикистон анҷом додааст, ки ҳамчун «Чораҳои зиёд кардани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар роҳи ноил шудан ба амниятиозуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон» маъруф аст. Пешниҳоди мазкур аз ҷониби котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти ҶТ барои баррасӣ қабул гардидааст..

Дар таҳлил қайд гардидааст, ки дар кишварҳои ҳамсарҳад бо Тоҷикистон меъёрҳои ва шартҳои гуногуни воридоту содироти поруҳои минералӣ ва воситаҳои ҳифзи растаниҳо нисбат ба ҶТ мавҷуд аст. Дар Қирғизистон меъёри Андоз аз арзиши иловашуда барои воридоти поруи минералӣ - 0%, дар Афғонистон меъёри ААИ воридот оид ба поруи минералӣ 2%, дар

Туркманистон оид ба воридоти поруи минералӣ ва воситаҳои ҳифзи растаниҳо тағйиротҳои дахлдор ба қонунгузорӣ тайёр шуда истодааст. Меъёри ААИ ва боҷи гумрукӣ барои поруи минералӣ ва воситаҳои ҳифзи растаниҳо дар Тоҷикистон аз ҳама баландтарин дар фазои ИДМ ва ҷаҳон мебошад.

Вазъияти мазкур сабаб мегардад, ки соҳибкорони беинсоф барои қочоқи поруи минералӣ ва заҳрхимикатҳо ба Тоҷикистон кӯшиш карда, онро бидуни деворхои сарҳадӣ ва гумрукӣ ворид намоянд.

Дар таҳлил барои асоснок кардани далелҳо маводи гумрукӣ ва омори кишоварзӣ оид ба воридоти поруи минералӣ ва заҳрхимикатҳо ба Тоҷикистон истифода шудааст. Ҳаҷми поруи минералии истифодашуда ва воситаҳои ҳифзи растаниҳо мувофиқи маводи оморӣ нишон медиҳанд, ки воридоти ҳаҷми асосии поруи минералӣ ва воситаҳои ҳифзи растанӣ бидуни гумрук анҷом дода мешавад. Ҳамин тавр, мувофиқи омори гумрукӣ барои соли 2008 -2010 наздики 120,0 ҳаз. тонна поруи минералӣ ба маблағи 28,9 млн. доллари ИМА, воридоти боҷи гумрукӣ ва андоз ба буҷет 7,4 млн. доллари ИМА-ро ташкил кард. Аммо мувофиқи маводи Агентии омор барои ҳамин давра наздики 438,0 ҳазор тонна поруи минералӣ ворид шудааст, ки нархашон бо нархи муқоисашаванда 106,0 млн. долларро ташкил менамояд, боҷи гумрукӣ ва ААИ метавонист 26,8 млн. сомониро ташкил кунад, яъне, қариб 4 маротиба зиёд бошад.

Мутахассисоне, ки таҳлили мазкурро анҷом додаанд, ба хулосае омаданд, ки ҳангоми ба таври расмӣ аз боҷи гумрукӣ ва ААИ озод гардидани гардиши маводи агрохимиявӣ даромаднокии буҷет нисбат ба низоми ҷорӣ зиёд хоҳад гардид.

### *3. Мушкилоти гирифтани қарз*

*Мушкилоти дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ – яке аз асоситарин барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти маводи кишоварзӣ мебошад.* Дар назди молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ масъалаи босубот будани сарчашмаҳои воситаҳои қарзӣ, аз ҷумла, имконияти қарзгирӣ аз бонкҳои тиҷоратӣ хеле мубрам меистад. Қарзгирӣ аз бонкҳои тиҷоратӣ ҳиссаи бештареро дар қарзгирии корхонаҳои соҳаи аграрӣ ишғол менамояд. Дастрасии захираҳо ба соҳаи кишоварзӣ – дараҷаи болои гирифтани воситаҳои қарзӣ дар давоми фосилаи муайяни вақт мебошад.

Сабаби аввал ва асосии мушкилоти гирифтани қарз фоизи баланди қарзи бонкӣ боқӣ мемонад. Аз рӯи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, фоизи миёнаи қарзҳ ои дар соли 2011 додашуда 22,66%-ро ташкил кард. Аммо мушкилот дар гирифтани қарз на танҳо фоизҳои баланд ва шумораи зиёди ҳуҷҷатҳои талабшавандамебошанд.Аз ҷумлаи сабабҳое, ки ба дастрасии қарз таъсир мерасонанд, инҳоро номбар намудан мумкин аст:

- вазъияти молиявии истеҳсолкунанда;
- шартҳои қарздиҳӣ (мӯҳлати кредит, меъёри фоизии қарз);
- мавҷудияти гарав;
- мавҷудияти сарчашмаи пардохтҳо;
- номуайянии шакли ташкилӣ – ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ).

Амалия нишон медиҳад, ки имрӯз гирифтани кредити бонк махсусан барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мушкил аст, зеро чунин хоҷагиҳо ба меъёрхои муқарраркардаи бонкҳои тиҷоратӣ

ҷавобгӯ намебошанд. Бонкҳо хеле нохоҳам ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) қарз медиҳанд. Бештар ё камтар бонкҳо моиланд бо хоҷагиҳои калон, масалан, кооперативҳои истеҳсолӣ кор кунанд.

Яке аз сабабҳои чунин муносибати бонкҳо номуайянии шакли ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад, ки, ин, чи хеле ки дар боло таъкид гардида буд, номуайянии муносибатҳои молумулкиро дар хоҷагии деҳқонӣ, инчунин номуайянии ҷавобгарии ин гуна хоҷагиро аз рӯи ӯҳдадориҳои худ, аз ҷумла ӯҳдадориҳои кредитӣ, ба миён меорад.. (Дар ин бора ниг. Боби 2 кори мазкур).

Ба ғайр, мушкилотро нисбат ба мавҷудияти гарав дар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) қайд намудан зарур аст.. Бештар аз хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) молу мулки кифояро барои пешниҳод кардани он ба сифати гарав надоранд. Тавре таъкид гардида буд, Кодекси замини ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ипотека» меъёрҳоро барои ба гарав гузоштани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи заминмуқаррар менамояд, аммо азбаски худи КЗ ҶТ бегона намудани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ва бо он анҷом додани аҳдҳои гражданӣ-ҳуқуқиро пешбинӣ намекунад, меъёрҳои мазкур ҳоло ғайри амалкунанда боқӣ мемонанд. Бо қабули тағйирот ба Кодекси замини ҶТ хоҷагиҳо имконияти татбиқ кардани ин ҳуқуқро пайдо мекунанд ва дастрасӣ ба қарздиҳӣ беҳтар хоҳад шуд.

Бинобар рушди сусти низоми қарзҳои кишоварзӣ иштироки фаъолияти давлат дар таъминкунии истеҳсолкунандагони соҳаи аграрии иқтисодиёти кишвар бо захираҳои қарзӣ муҳим аст. Ин ба боло рафтани устувории молиявии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва дастрасӣ ба захираҳои кредитӣ дар асоси имтиёзнок метавонист расонад. Аммо имрӯзҳо давлат имконияти татбиқи таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо субсидияҳоро надошта, шароит барои қарздиҳии имтиёзнокро фароҳам оварда наметавонад.

Дар ин ҳолат, варианти аз ҳама оптималии ҳалли масъалаи мазкур метавонад таъсис додани кооперативҳои қарзӣ гардад. Мавҷудияти кооперативҳои қарзӣ метавонад яке аз мушкилтарин ва муҳимтарин вазифаро дар қарздиҳии соҳибкории хурд дар деҳот ҳал карда халоъи бозори қарздиҳиро пӯшонад.

Кооперативҳои кредитӣ як қатор бартарият низ доранд, ки онҳоро барои дастрасии истеҳсолкунандагони деҳот ба қарздиҳӣ ҷолиб менамоянд. Системаи мазкур хислати озод дошта, бартариятҳои асосии он шаффофият, таҳти назорат будан ва идорашаванда будан барои соҳибони пайҳо мебошад.

Кооперативҳои кредитии деҳот як қатор имтиёзҳоро дар назди бонк доранд:

- меъёри пасти фоизӣ барои додани қарзҳо ба кооперативҳо;
- талаботи қобили қабул оид ба таъминнокии қарзӣ, зеро кооперативҳои қарзӣ одамонеро муттаҳид менамояд, ки ҳамдигарро хуб медонанд;
- мӯҳлатҳои ками баррасии аризаҳо барои пешниҳоди қарз.

Тавре ки дар Боби 3 кори мазкур қайд гардида буд,, санадҳои мавҷудаи меъёрию ҳуқуқӣ оид ба кооперативҳо, хусусан Қонуни ҶТ «Дар бораи кооператсияи матлубот», имконияти таъсис додани кооперативҳои қарздиҳиро намедиҳанд. Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонун «Дар

бораи кооперативҳо» аз рӯи натиҷаҳои кори гузаронидашуда ба хулосае омаданд, ки амали лоиҳаи Қонуни мазкур ба кооперативҳои кредитӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои кооперативҳои қарздиҳӣ, низ татбиқ шавад,. Дар ин сурат дар лоиҳаи Қонун пешниҳод мегардад, ки танзими фаъолияти кооперативҳои кредитӣ оид ба татбиқи амалиёти бонкӣ мувофиқи қонунгузории бонкӣ анҷом дода шавад.

Аммо, дар ин ҳолат, бо мақсади суръат бахшидани ҳаракати кооперативӣ ва бо ба ҳисоб гирифтани хусусияти кооперативҳои кредитӣ зарур аст. ки талаботи соддатари танзими фаъолияти кооперативҳои кредитӣ аз тарафи Бонки миллии ҶТ муқаррар карда шавад.

# БОБИ 5. МУШКИЛОТ ДАР СОҲАИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Яке аз асоситарин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки чорабиниҳоро оид ба рушди соҳаи коркард пешбинӣ менамояд, ин Барномаи давлатӣ оид ба афзун намудани имконияти содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот барои солҳои 2010-2012 мебошад, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 декабри соли 2010 № 624 тасдиқ карда шудааст.

Дар Барнома мушкилоти зерини асосии монеъшаванда ба рушди соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ зикр гардидаанд:

- норасоии доимии захираҳои ашёи хом;
- нархи баланди ашё ва маводи харидоришаванда;
- хароҷоти назарраси нақлиёт оид ба кашонидани маҳсулоти кишоварзӣ барои коркарди саноатӣ;
- норасогиии маблағи гардиш.

Ноилшавӣ ба мақсади асосии Барнома вобаста бо татбиқи вазифаҳои мазкур оид ба дастгирии корхонаҳо-содиркунандагони маҳсулоти соҳаи меваву сабавот мебошад:

- дастгирии молиявии корхонаҳо-содириотчиён аз ҳисоби рушди низоми қарзӣ-молиявӣ;
- дастгирии иттилоотӣ-маслиҳатии корхонаҳо-содиротчиён ва истеҳсолкунандагони маҳсулот ва хизматрасонии содиротӣ;
- сода намудани расмиёти содиротӣ-воридотӣ;
- рушди гурӯҳҳои саноатии молиявӣ дар соҳа ва дигар шаклҳои идоракунии замонавӣ дар дохили силсилаи арзиши иловашуда;
- таҳияи низоми таъмин бо ашёи хоми саноати коркардашаванда;
- беҳтар намудани низоми маркетинги маҳсулоти ватании меваву сабазавоти ватанӣ.

Ба Нақшаи чорабиниҳо махсусан бандҳои мазкурро таъкид кардан зарур аст, ки онҳо пешбинӣ мекунанд:

1. Омода намудани пешниҳодот ҷиҳати *тағйир додани меъёри боҷҳои гумрукии воридотӣ ба таҷҳизоти технологӣ ва қисмҳои эҳтиётии он.*
2. Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо назардошти талаботи байналмилалӣ (HACCP, ISO ва ғайра).
3. Ҳавасмандгардонии рушди низоми қарздиҳӣ, *таҳияи механизми маблағгузориҳои имтиёзнок ва пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ ба соҳаи коркард.*

Ҳамин тавр, корхонаҳои коркардкунанда доимо бо мушкилоти дар Барнома овардашуда рӯ ба рӯ мешаванд. Ба ғайр аз ин, масъалаи норасоии неруи барқ ва гази табиӣ ба таври ҷиддӣ ҷой дошта, корхонаҳо хеле зиёд аз нархи истеҳсолкунандагони энергия вобастагӣ доранд. Яке аз камбудиҳои рушди соҳаи мазкур- мавсимӣ будани кори он мебошад. Набудани иқтидорҳои нигоҳдории ашёи хом ва нимтайёр сабаби асосии мавсимӣ будани ин намуди фаъолият мебошад. Бештари корхонаҳои навтаъсиси коркардкунанда, ки дар солҳои охир ба вуҷуд

омадаанд, бе иқтидорҳои нигоҳдорӣ ба нақша гирифта шуда,сохта шудаанд. Корхонаҳои куҳна бошанд, таҷҳизоти фарсуда ва аз кор баромада доранд. Корхонаҳо оид ба коркард барои харидории ин гуна таҷҳизот воситаи молӣ надоранд.

Барнома диққати асосиро ба ташаккул додани ***гурӯҳҳои молиявӣ-саноатӣ дар соҳаи истеҳсолот ва коркарду содироти маҳсулоти кишоварзӣ*** медиҳад.

Тамоюлҳои рушди хоҷагиҳои кишоварзӣ имконият медиҳанд таъкид намоем, ки дар оянда хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) наметавонанд ба корхонаҳои калони коллективии кишоварзӣ баробар шаванд. Ин ба як қатор сабабҳо марбут мебошад.

Аввалан, бинобар сабаби суст таҷҳизонида шудани хоҷагиҳои деҳот. Сониян, ниёзмандӣ ба маблағгузориҳои калони давлатӣ ва комилан дигаргун кардани хизматрасонии истеҳсолӣ.

Рушди ояндаи корхонаҳои хурду миёна бояд дар асоси кооператсия ва дигар намуди иттиҳодҳои бозорӣ, инчунин бо роҳи ташкили низомҳои калони нави хоҷагидорӣ, ки дар шароити бозор босуботӣ ва имконияти бехтари рушди худро доранд, ба роҳ монда шаванд.

Аммо бояд дар назар дошт, ки дар як қатор ҳолатҳо иттиҳодияҳои ташкилшавандаи агросаноатӣ, гурӯҳҳои молиявӣ- саноатӣ ва дигар шаклҳои муттаҳидшавӣ, иштирокчиёни истеҳсолоти намуди муайяни молро муттаҳид карда, барои худ дар бозор мавқеи алоҳида ташкил медиҳанд, ки ба онҳо имконияти тайин кардани нархи ҳам ашёи хоми истеъмолшаванда, ҳам ба маҳсулоти истеҳсолшавандаи ниҳоиро медиҳад. Бинобар ин мушкилоти бештари рушди кооператсия ва интегратсияи истеҳсолот маҳз дар таъмини тавозуни манфиатҳои шарикон мебошад.

Асоситарин ҳалқаи занҷирии тамоми мушкилот – мавҷуд набудани захираҳои технологӣ, таҷҳизот, норасогии воситаҳои хариди таҷҳизот ва ворид кардани он ба ҳудуди ҶТ бинобар баланд будани боҷҳои гумрукӣ, инчунин мушкилоти тартиботи содиротиву воридотӣ дар ҳолати фуруши маҳсулоти корхонаҳои коркардкунанда мебошад.

Тавре таъкид шуда буд, бинобар он, ки давлат имрӯз захираҳои заруриро барои таҳияи механизми қарздиҳии имтиёзнок ва пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ надорад, усули беҳтарини ҳавасмандкунии тараққиёти соҳаи мазкур инчунин танҳо ташкил намудани тартиби мувофиқи гумрук ва андоз шуда метавонад .

# БОБИ 6. МАСЪАЛАҲОИ ВОБАСТА БА АМАЛИЁТИ ЛИЗИНГӢ

Самаранокии таъсири бисёрҷонибаи лизинг ба иқтисодиёт бо он муайян мешавад, ки он дар як вақт сармоягузории хусусиро ба соҳаи истеҳсолот фаъол карда, ҳолати молиявии молистеҳсолкунандагони бевоситаро беҳтар ва рақобатпазирии соҳибкории худру миёнаро баланд менамояд. Амалиёти лизингӣ метавонад на танҳо барои соҳаҳои алоҳидаи фаъолият, балки барои иқтисодиёти кишвар умуман хеле самаранок бошанд. Аммо барои он, ки фаъолияти лизингӣ вусъати бештаре пайдо кунад, дар кишвар бояд заминаҳои дахлдор дар қонунгузорӣ ва соҳаи фаъолияти амалӣ муҳаё карда шаванд. Яке аз муҳимтарин фишангҳои иқтисодии асосӣ, ки имконият додааст лизинг навъи мақбули соҳибкорӣ шавад, имтиёзҳои андоз ва фарсудашавӣ мебошанд. Дар ин сурат аҳамияти муҳимтаринро сиёсати андозбандӣ дорад. Амалияи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки чӣ андоза имтиёз бештар дода мешуд, ҳамон қадар лизинг тезтар инкишоф меёфт.

Дар аксари Барномаҳое, ки аз тарафи Ҳукумати ҶТ дар соҳаи рушди комплекси агросаноатӣ қабул шудаанд, ба зарурати истифодабарии амалиёти лизингӣ барои ҳалли масъалаҳои харидории таҷҳизот, техника ва технология нишон дода шудааст. Аммо дар ягон ҷой оид ба муҳаё намудани шароитҳои мусоид барои рушди лизинг таъкид нашудааст.

Ҳоло мувофиқи моддаи 211 КА ҶТ хизматрасонии молиявӣ (дар қисми иҷораи молиявӣ (лизинг)) аз ААИ озод карда шудааст. Озодшавии мутлақ нисбат ба фоизҳо пешбинӣ шуда ба маблағҳое , ки мансуб ба пардохт ба манфиати лизингдиҳанда аз тарафи лизинггиранда ба ҳисоби пӯшонидани нархи ашёи иҷораи молиявӣ (лизинг) (қарзи асосӣ) ҳастанд дахл надоранд.

Моддаи 192 КА ҶТ чунин имтиёзҳои истеҳлокшавиро (амортизатсиониро) барои лизинг пешбинӣ менамояд:

Дар ҳолате, ки иҷорадеҳ соҳиби маводи фарсудакунандаи амволи моддӣ то оғози иҷораи молиявӣ (лизинг) бошад, аҳд ҳамчун фурӯши амвол аз ҷониби иҷорадиҳанда ва хариди он аз тарафи иҷорагиранда баррасӣ карда мегардад.

Молу мулки моддии истеҳлокшавандае, ки тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ба иҷора дода мешавад, дар давраи амали шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бояд дар баланси иҷорагир ба ҳисоб гирифта шавад, , ки ин ба иҷорагир ҳуқуқи медиҳад тарҳҳоро вобаста ба предмети лизинг (аз ҷумла, итеҳлок ва хароҷоти барои таъмир) анҷом диҳад.

Аммо қонунгузории амалкунандаи андози ҶТ пардохти пурраи ААИ-ро ҳангоми ворид кардани таҷҳизот аз тарафи ширкатҳои лизингӣ ва таҳвили ин таҷҳизот ба соҳибкоронро пешбинӣ мекунад, ки ин рушди амалиёти лизингиро хеле суст мекунад. Чунин андозбандӣ фаъолияти лизингиро амалан бе фоида мегардонад.

Амалия нишон медиҳад, ки дар ду соли охир миқдори корхонаҳое, ки бо амалиёти лизингӣ машғуланд, аз 10 адад то ба 6 кам шудааст.

Бо мақсади ҳалли масъалаи мазкур, ҳоло лоиҳаҳои қонунҳои ҶТ дар бораи ворид намудани тағйироту иловав ба Кодекси андоз ва Кодекси гумруки ҶТ тайёр карда шудааст. Лоиҳаи қонунҳо дар баррасии Ҳукумати ҶТ қарор дошта дар ҳолати қабул шуданашон метавонанд дар

рушди амалиёти лизингӣ нақши назаррас бозанд. Ин тағйирот ба ширкатҳои хориҷии лизингӣ ва бонкҳои хориҷӣ имконияти дар асоси имтиёзнок анҷом додани амалиёти лизингиро дар ҳудуди ҶТ медиҳад, , ки ин метавонад чандин маротиба ҷараёни инвеститсиониро ба ҶТ афзоиш диҳад.

Ба ғайр аз ин бояд қайд карда шавад, ки дар лоиҳаи Кодекси андози ҶТ, ки дар баррасии вазорати муассисаҳои кишвар қарор дорад, муқаррар гардидааст, ки «...расонидани хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла таҳвили молу мулки моддии истеҳлокшавандааз рӯи амалиёти иҷораи молиявӣ (лизинг) (аз ҷумла, тайёраҳо), ба истиснои амволи ғайриманқул, мошинҳои сабукрав ва мебел», аз ААИ озод карда мешавад. Дар лоиҳа талабот нисбат ба Кодекси амалкунанда дар бораи он, ки «озодшавӣ аз андоз мутлақан нисбати фоизҳо пешбинӣ шуда, ба маблағҳое, ки мансуб ба пардохт нисбати лизингдиҳанда ба ҳисоби пӯшонидани нархи ашёи иҷораи молиявӣ ба лизинггиранда (лизинг) (қарзи асосӣ) дахл дорад».

# БОБИ 7. РАСМИЁТИ СОДИРОТӢ-ВОРИДОТӢ ҲАНГОМИ ФУРӮШИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ВА МУШКИЛОТИ ОШКОРШУДА ДАР СОҲАИ МАЗКУР

Вақтҳои охир аз ҷониби муҳаққиқони зиёде амалиёти содиротӣ-воридотии маҳсулоти кишоварзӣ мавриди омӯзишу баррасии ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Хусусан масъалаи мазкур аз тарафи Иттифоқи мушовирон-коршиносони Тоҷикистон бо ташаббуси лоиҳаи USAID оид ба либерализатсияи савдо ва ислоҳоти гумрукӣ таҳти унвони «Мониторинги хароҷоти вақт ва ҳуҷҷатҳое, ки дар содироту воридот зарур мебошанд» хеле хуб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфтааст.

Бинобар такрор нашудани тадбирҳо дар самти мазкур дар ин лоиҳа натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур оварда мешавад,

**Ҷадвали №1**

## Содироти мол дар мисоли хушкмеваҳо (ТНВЭД 0813), вазни 10 тонна дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № | Ҳуҷҷат-иҷозатномаи додашуда | Ҳуҷҷати талабшаванда барои гирифтани ҳуҷҷати иҷозатӣ | Мӯҳлати дода шудан | Нарх | Санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1 | Сертификати тавлиди мол | 1. ариза<br>2. шартнома ва ё созишнома<br>3. Счет – фактураи фурӯшанда<br>Бинобар моли содиршаванда яке аз ҳуҷҷатҳои мазкури тасдиқкунандаи пайдоиши мол:<br>▪ Сертификати сифати истеҳсолкунанда<br>▪ Сертификати мувофиқат<br>▪ Маълумот аз ҷамоати деҳот (мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷрокунанда) ва ё маълумот аз бозор дар мавриди харидории мол дар бозор | Бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим нашудааст. Таҷрибаи ПСС оид ба додани Сертификати пайдоиши мол – **1 рӯз** | 212 сомонӣ 40 дирам<br><br>Дар ҳоли татбиқи санҷиш нархи як соати кории коршинос **30** сомониро ташкил мекунад. Дар амал ба ҳисоби миёна нархи як экспертиза барои 4 соат 120 сомониро ташкил медиҳад<br><br>***Ҷамъ- 332,4 сомонӣ*** | 1.Кодекси гумруки ҶТ аз 3 декабри соли 2004;<br>2.Қарори Ҳукумати ҶТ № 487 аз 1 октябри соли 2008 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чоранбиниҳо оид ба содда гардонидани монеаҳои маъмурӣ ҳангоми содироту воридоти молҳо»<br>3. Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарорӣ, тасдиқ намудан ва додани сертификати тавлиди мол, инчунин ҳуҷҷатхое, ки ба амали намудани фаъолияти берунииктисоди алоқаманданд , № 205 аз 30 декабри соли 2008.<br>4. Роҳнамо оид ба муайян кардани нархи хизматрасонӣ ҳангоми татбиқи эксперизаи мол ва муайян кардани кишвари истеҳсоли мол дар ҶТ № 15 аз 3 марти соли 2010.<br>5. Фармони Роҳбари Палатаи савдову саноати ҶТ дар бораи арзиши хизматҳое, ки ҷиҳати муайян намудани кишвари тавлиди мол расонида мешаванд №204 аз 30 декабри соли 2008. |

*Давоми ҷадвали 1*

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
|---|---|---|---|---|---|
| 2. | Сертификати Фитосанитарӣ | Номгӯи ҳуҷҷатҳо бо тартиби меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим нашудааст.<br>Дар амалия Хадамот ҳуҷҷатҳои мазкурро талаб менамояд:<br>1. ариза<br>2. Барои шахсони воқеӣ-<br>- нусхаи паспорти шахси воқеӣ бо нишон додани РМА ва ё шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии шаҳрванд ба сифати соҳибкори инфиродӣ;<br>Барои шахсони ҳуқуқӣ -<br>- нусхаи Шаҳодатнома оид ба бақайдгирӣ дар мақомоти андоз (РМА шахсони ҳуқуқӣ);<br>3. Иҷозатномаи воридот ба кишвари воридкунанда, ки аз тарафи мақоми ваколатдори кишвари воридкунанда дода шудааст. | Бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим нашудааст.<br>Дар амалия Хадамот Сертификат медиҳад:<br>- бе игузаронидан таҳлили лабораторӣ – дар давоми ***3-рӯз;***<br>- ҳангоми гузаронидани таҳлили лабораторӣ - то ***10 рӯз***<br><br>***Зернатиҷа:***<br>***аз 3- то 10-рӯз*** | Нарх вобаста аз миқдор, вазн ва навъи маводи таҳти карантин буда ва воситаи нақлиёт<br><br>Ҳангоми содири хушкмева бо вазни то 10 тонна дар як контейнер<br>- барасмитдарории санади назорати фитосанитарӣ – 1 санад - 2,10 сомонӣ<br>- барасмиятдарории Сертификати фитосанитарӣ ба экспорт (бештар аз 1000 кг бор барои воҳиди нақлиётӣ) - 7,50 сомонӣ.<br>**- азназаргузаронии хушкмеваҳо – 0, 7 барои 1 тонна. Барои ҳолати баррасигардида - 0,7 сомонӣ Х 10 тонн = 7 сомонӣ**<br>**- азназаргузаронии воситаи нақлиёт-контейнерҳо (1 воҳид) - 5, 19 сомонӣ** | 1. Кодекси гумруки ҶТ аз 3 декабри соли 2004;<br>2. Номгуй ва нархгузории корҳо оид ба таъмини карантини растании аз тарафи Хадамоти давлатии бозрасии фитосанитарӣ ва карантини растаниҳо ичрошаванда, ки бо фармоишивазири Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 2008 дар мувофиқа бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Вазорати молияи ҶТ тасдиқ шудааст |

*Давоми ҷадвали 1*

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | **- таҳқиқи фитосанитарӣ барои муайян намудани зараррасонҳои карантинӣ- (экспертизаи энтомологӣ маводи таҳти карантинӣ маҳсулот – таҳлили визуалии маводи таҳлили миёна) - 1 таҳлил – 2, 47 сомонӣ**<br>Нархи фумигатсия ташкил мекунад:<br>**17,52 сомонӣ Х 10 тонн = 175, 2 сомонӣ.**<br>*Шарҳ:*<br>*Ҳангоми воридоти хушкмеваҳо дар аксари ҳолат татбиқи фумигатсия тартиби ҳатмӣ мебошад*<br>***Зернатиҷа:***<br>***199,46 сомонӣ*** | |
| 3. | Сертификати мутобқати мол | 1. Аризаи аризадиҳанда<br>2. Боркоғази молӣ-нақлиётӣ ва дигар ҳуҷҷатои тасдиққунандаи ҳаҷми мол. | Сертификат дар давоми *3 рӯз* дода мешавад<br><br>***Зернатиҷа:*** | Нарх аз маблағи умумии мол ва намуди маҳсулот вобаста аст.<br>Барои моли нархаш 20 000 доллар | 1. Кодекси гумруки ҶТ аз 3 декабри соли 2004;<br>2. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 октябри соли 2008 № 487 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабинихо оид ба содда гардонидани монеаҳои маъмурӣ ҳангоми содироту воридоти молҳо |

*Давоми ҷадвали 1*

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 3. Ҳисобнома-фактура ва ё инвойс, ки нархи маҳсулотро тасдиқ менамояд. | *3 дня* | нархи Сертификат 4*97 сомониро ташкил медиҳад*<br><br>*Зернатиҷа:*<br>*497 сомонӣ* | 2. меъёрҳои ҳаҷми меҳнат ва тартиби пардохт ва калибровкаи воситаҳои ченкунӣ, таҳлил, меъёргирӣ ва сертификатсияи маҳсулот, хизматрасонӣ ва аккредитатсияи воҳидҳои тобеъи санҷишӣ. Ҳуҷҷати роҳнамои ҶТ 50-002-2002.<br>3. Тартиби татбиқи корҳои сертификатсионии молҳои ватанӣ ва хориҷӣ аз тарафи раёсати сертификатсиякунонии Тоҷикстандарт, ки аз тарафи Директори Тоҷикстандарт имзо шудааст (аз 15 феврали соли 2007). |
| 4. | Хулосаи Санитарӣ-эпидемиологӣ | 1. ариза оид ба додани хулосаи санитарӣ-эпидемиологӣ бо нишон додани:<br>- номгӯй,шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, суро шахси ҳуқуқӣ;<br>- ном ва ҷои зисти соҳибкори инфиродӣ ва ё шахси воқеӣ;<br>- мақсад ва асосноккунии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият;<br>2. Ҳуҷҷате, ки пардохти нархро барои баррасии ариза тасдиқ мекунад;<br>3 Сертификати Фитосанитарӣ<br>4. Сертификати мутобиқати мол | Мувофиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ то *30 рӯз*<br><br>Барои маҳсулоти зудвайроншаван да то *3 рӯздода мешавад*<br><br>*зернатиҷа:*<br>*то 30 рӯз* | 157 сомонӣ 85 дирам<br><br>*зернатиҷа:*<br>*157,85 сомонӣ* | 1. Тартиби ба расмият даровардан, ба қайд гирифтан ва додани хулосаи санитарӣ-эпидемиологӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 марти соли 2004 №139 тасдиқ шудааст;<br>2. Номгӯи хуҷҷатҳо ва маълумоте, ки барои барасмиятдарории гумрукии мол заруранд, бо фармоиши Сардори хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ № 85-ф аз 29 майи соли 2009 тасдиқ шудааст. |

*Давоми ҷадвал 1*

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
|---|---|---|---|---|---|
| 5. | Декларатсияи гумрук | 1. Декларатсияи гумрукии мол (ДГМ).<br>2.Ҳуҷҷатҳои мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиққунандаи соҳибҳуқуқии шахсоне, ки маълумот дар бораи онҳо дар декларатсияи гумрукӣ доир ба анҷом додани фаъолият дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишон дода шудаанд (ба ин гуна ҳуҷҷат дахл доранд):<br>**Барои шахси ҳуқуқӣ:**<br>- ҳуҷҷатҳои таъсисӣ;<br>-Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ<br>**Барои шахси воқеӣ:**<br>-Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ;<br>- нусхаи паспорт;<br>Ҳуҷҷатҳои мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодатдиҳандаи дар қайди мақомоти андоз гузошта шудани шахсоне, ки маълумот оид ба онҳо дар декларатсияи гумрукӣ нишон | Мувофиқи Қонунгузорӣ ***на дертар аз 2 рӯзи корӣ***<br><br>***Зернатиҷа:***<br>***2 рӯз*** | - боҷи гумрукӣ барои вориди мол ба нархи 20 000 доллари ИМА 70 доллари ИМА-ро ташкил мекунад.<br>- Боҷи гумрукӣ барои ҳамроҳии гумрукии мол бо як ва ё якчанд воситаи як ё якчанд воситаи нақиёт, ки иборат аз як колонна мебошад ***(барои 10 км)*** – ***2 доллари ИМА***<br>***Зернатиҷа:***<br>***70 доллари ИМА*** | 1. Кодекси гумруки ҶТ<br>2. Номгӯи хуҷҷатҳо ва маълумоте, ки барои барасмиятдарории гумрукии мол заруранд, бо фармоиши Сардори хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ № 85-ф аз 29 майи соли 2009 тасдиқ шудааст9<br>3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи андозаи хироҷҳои гумрукӣ барои хизматрасонии гумрукӣ» аз 2 декабри соли 2005 № 472 |

*Давоми ҷадвали 1*

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2. **Ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ**: **яке аз ҳуҷҷатҳои номбаршуда:**<br>- Ҳисобнома-фактура (инвойс),<br>- Ҳисобнома -проформа (проформа-инвойс) ба шартнома,<br>- дигар ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ ва ҳисобӣ, аз ҷумла, хазинавӣ ё моли харидории мол дар шабакаи савдои чакана, ҳуҷҷатҳои тасдиққкунадаигузаронидани ҳисобӣ бо истифодаи воситаҳои коғазҳои қиматнок и ба сифати пардохт- вобаста аз шарти ҳисобӣ намудан | | | |

*Давоми ҷадвали 1*

| | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 3. Шартнома (аз ҷумла иловаҳо, созишномаҳо ба он, ки ба моли декларатсияшуда алоқамандӣ доранд);<br>ва ё иқтибос аз шартнома, ба шарте ки дар он ки дар он маълумотҳои барои барасмиятдарории гумрукӣ зарур мавҷуд бошад, агар интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё тағйир додани низоми гумрукӣ дар асоси шартнома анҷом дода шавад дар ҳолати ва дар ҳолати сурат гирифтани муомилоти иқтисодии хориҷии яктарафа - ҳуҷҷатҳои мазмуни чунин муомилотро ифодакунанда;<br><br>4. Сертификати тавлиди мол.<br>5. Ҳуҷҷатҳое, ки мутобиқати молро ба талаботҳои ҳатмӣ тасдиқ емекунанд (Сертификат фитосанитарӣ, Сертификати мутобиқати мол ба молҳое, ки бояд ҳатман | | | |

*Продолжение таблицы 1*

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 6. сертификатсия шаванд,<br>7. хулосаи Санитарӣ-эпидемиологӣ.<br>Ҳуҷҷатҳое, ки пардохт ва ё таъмини пардохти боҷи гумрукӣ, андозро вобаста аз шартҳои тартиботи гумрукӣ ва мавҷудияти имтиёз барои пардохтҳои гумрукӣ ва андоз тасдиқ менамоянд. супоришномаи пардохт бо қайди бонк дар бораи пардохт бо тартиби ба ҳисобгузаронӣ ё борхат ба ордери хазинавии гумрукии бонк – ҳангоми пардохти нақдӣ;<br>- ҳуҷҷатҳое, ки таъмини пардохти боҷ ва андозҳои гумрукиро тасдиқ мекунанд<br><br>8. ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ (интиқолӣ), ки вобаста аз навъи нақлиёт дода мешавад:<br>ҳангоми интиқоли **байналмилалӣ нақлиёти автомобилӣ:** | | | |

*Давоми ҷадвали 1*

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
|---|---|---|---|---|---|
| | | • Борхати (накладная) байналмилалии автомобилӣ (CMR)<br>• дафтарчаи МДП (TIR CARNET)- ҳангоми интиқоли бор мувофиқи Низомнома оид ба тартиби татбиқи Конвенсияи гумрукӣ оид ба интиқоли байналмилалии бор бо истифодаи дафтарчаи МДП (Конвенсияи МДП, соли 1975)<br>• борхат (накладная)-и нақлиётӣ-молии (ТТН)- баъзан ҳангоми интиқоли мол дар ҳудуди кишварҳои ИДМ ба ҷои CMR истифода мешавад.<br>Ҳангоми интиқолҳои байналми**лалӣ бо нақлиёти роҳи оҳан:**<br>• борхати роҳи оҳан ва ё борхати байналмилалии роҳи оҳан (СМГС);<br>**Зернатиҷа:**<br>**- 11 ҳуҷҷат ҳангоми интиқол бо роҳи оҳан;**<br>**- 13 ҳуҷҷат ҳангоми интиқол бо мошин.** | | | |

| *Давоми ҷадвали 1* | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| **Ҷамъбаст:**<br>Ҳуҷҷат барои ба расмият даровардани содирот – 12 ҳангоми интиқоли автомобилӣ<br>Нархи тартиб додани тамоми ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда, аз ҷумла барасмиятдарории гумрукӣ – 1186,71 сомонӣ + 70 доллари ИМА (+ 2 доллари ИМА барои 10 км дар мавриди мушоияти гумрукии нақлиёти автомобилӣ)<br>Вақте, ки барои барасмиятдарории ҳуҷҷат барои содирот зарур аст – то 46 рӯз<br>Миқдори ташкилот ва мақомоти давлатии ҷалбшуда– 5 мақомот | | | | | |

## МУШКИЛОТИ ОШКОРГАРДИДА

### *Дар соҳаи додани хулосаи санитарӣ- эпидемиологӣ*

Нисбат ба дигар навъи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда, санадҳои меъёриюҳуқуқӣ дар соҳаи додани иҷозати санитарию пидемиологӣ бештар мукаммал мебошанд. Вале на ҳамаи санадҳои зарурӣ дар ин соҳа, ки қабули онҳоро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ пешбинӣ кардаанд, аллакай тасдиқ шудаанд, ки дар навбати худ сабаби мушкилоти ҷиддӣ дар амалия мешаванд. Ҳамин тавр, мувофиқи банди 6 Тартиби барасмиятдарорӣ, бақайдигирӣ ва додани хулосаи СЭЗ (қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 марти соли 2004 №139) воридот/содироти маҳсулот ба ҳудуди ҶТ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи Номгӯйиаз тарафи Ҳукумати ҶТ тасдиқшуда анҷом дода мешавад. То ба ин рӯз ин Номгӯй тасдик нашудааст. Тартиби таҳия, бақайдгирӣ ва додани хулосаи СЭЗ асосан масъалаҳои додани хулосаи санитарӣ- эпидемиологиро танзим намуда, вале тартиби ташкил ва гузаронидани экспертизаи санитарӣ-эпидемиологӣ, ташхис, таҳлил, санҷиш ва баҳодиҳии токсикологӣ, гигиенӣ ва дигар навъҳои баҳодиҳиро пешбинӣ намекунад.

### *Дар соҳаи додани Сертификати Фитосанитарӣ*

**Тартиби додани сертификати фитосанитарӣ ва иҷозатномаи карантини воридотӣ бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим намешавад. Номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки барои додани ҳуҷҷати мазкур заруранд ва мӯҳлатҳои додани ҳуҷҷат дар таҷриба танзим мешаванд.**

Нархи додани ҳуҷҷати мазкур бо Номгуй ва нархгузории корҳо оид ба таъмини карантини растании аз тарафи Хадамоти давлатии бозрасии фитосанитарӣ ва карантини растаниҳо ичрошаванда,ки бо фармоишиВазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 2008 дар мувофиқа бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Вазорати молияи ҶТ тасдиқ шудаасттанзим мегардад.

Ба ғайр аз ин бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2-юми октябри соли 2010 № 510 Рӯихати маводи тахти карантинӣ тасдиқ шудааст, ки мувофиқи он 123 номгӯи маҳсулот таҳти назорати фитосанитарӣ қарор мегиранд

Танзим нашудани тартиби додани ҳуҷҷати мазкур метавонад асоси сӯиистифодаҳо аз тарафи мақомоти давлатӣ ва талаботи беасос аз ҷониби онҳо гарданд. Тартиби татбиқи таҳқиқоти лабораторӣ низ танзим нашудааст.

Ҳамин тавр, яке аз талабот ҳангоми додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳандаи фитосанитарӣ мавҷудияти ҳуҷҷати тасдиққунандаи ба қайди андоз гирифта шудани шахси ҳуқуқӣ мебошад. Бинобар ин ба номгӯии ҳуҷҷатҳое, ки дар амалия талаб карда мешаванд, нусхаи Шаҳодатномаи оиди ба қайди мақомоти андоз/ИНН гузошта шудани шахсони ҳуқуқӣ низ дохил карда шудааст. Аммо, бинобар қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ҳуҷҷате, ки тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси хуқуқӣ мебошад, ин Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки он бақайдгириро дар тамоми мақомоти бақайдгиранда, аз ҷумла-мақомоти андоз ифода менамояд. Дар ин ҳолат ба субъект Рақами ягонаи мушаххас, вале на Рақами мушаххаси андозсупоранда дода мешавад. Аммо мушкилии асосӣ дар он замоне ба вуҷуд меояд, ки ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳандаи

фитосанитарӣ пардохта мешаванд. Нархномаи муқарраршуда ба ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда ва хизматрасониҳои фитосанитарӣ вобаста бо номгӯй ва ҳаҷми мол, навъи воситаи нақлиёт ҳисобкунии хароҷотро барои ба даст овардани ҳуҷҷатҳои мазкур мушкил карда, барои ришвахӯрӣзамина фароҳам меоварад.

Бояд қайд карда шаванд, ки Рӯихати маводи таҳти карантинӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст, инчунин номгӯи васеъи молҳоеро, ки бояд аз тарафи карантин назорат гардад, дарбар мегирад. Зарур аст, ки таҳлили амалия гузаронида шуда, муқаррар карда шавад, ки чӣ андоза зарарасонҳои карантинӣ дар маводи таҳти карантинии дар рӯихати мазкур мавҷуд буда ошкор карда мешаванд.

Гарчанде нархи додани ҳуҷҷати фитосанитарӣ бо санади тасдиқшудаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим ва ҳуҷҷати мазкур дар сайти расмии мақомоти мазкур ҷойгир карда шудааст, бояд таъкид гардад, ки ҳисобкуниҳо он ҷо хеле мушкил буда, дар амал мушкилоти мушаххас ва асоси сӯиистифодаро аз тарафи мақоми танзимкунанда фароҳам меоваранд.

### *Дар соҳаи додани Сертификати мутобиқати мол*

Додани Сертификати мутобиқат бо чанд санади меъёрӣ-ҳуқуқии Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегардад. Аммо то ба ҳол санади ягонаи меъёрӣ-ҳуқуқие мавҷуд нест, ки номгӯи ҳуҷҷатҳо, мӯҳлати баррасӣ ва додани он, нарх ва дигар талаботи дода шудани ин гуна ҳуҷҷатро танзим намоянд. Номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани ин Сертификат зарур аст, бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 октябри соли 2008 № 487 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба содда гардонидани монеаҳои маъмурӣ ҳангоми содироту воридоти молҳо» муқаррар гардидааст. Аммо дигар масъалаҳои баррасӣ ва додани Сертификатро санади мазкур танзим наменамояд. Санадҳои дохилии Агентии оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва назорати савдои назди Ҳукумати ҶТ, ки масъалаи мазкурро танзим менамояд, дар Вазорати адлияи ҶТ ба қайд гирифта нашуда, ба соҳибкорон дастрас нестанд.

Қоидаи гузаронидани сертификатсияи маҳсулот, ки бо санадҳои дохилии Агентӣ оид ба стандартизатсия тасдиқ шудаанд, дар Вазорати адлия низ ба қайд гирифта нашуда, барои соҳибкорон дастрас нестанд.

Бештарин мушкилотро муқаррар кардани нархи гирифтани Сертификати мутобиқат ба вуҷуд мебиёрад.

Нархномаҳои муқарраршуда хеле мушкил ва печида мебошанд.

Нархи Сертификат аз ҳама қиматтарин дар байни тамоми ҳуҷҷатҳои иҷозатномадиҳӣ мебошад ( аз 497 то 1500 сомонӣ).

Назар ба нархномаҳои мақомоти фитосанитария, ки дар сайти расмии ин мақомот ҷойгир карда шудаанд, Ҳуҷҷати роҳнамои РД ҶТ 50-02-2002 «Меъёрҳои масрафи меҳнат ва тартиби пардохт оид ба андозагирии воситаҳои ченкунӣ, санҷиш, стандартизатсия ва сертификатсияи маҳсулот, хизматрасонӣ аккредитатсияи воҳидҳои санҷишӣ», ки санади дохилии Агентӣ мебошад, дар ягон ҷой расман нашр нашуда, ба қайд гирифта нашудааст.

Номгӯи молҳое, ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд, бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 октябри соли 2008 № 486 «Дар бораи номгӯи молҳо (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсияи карда шаванд» тасдиқ карда шудаст. Ба ин Номгӯй қариб тамоми молҳои гурӯҳи ТН ВЭД, ба истиснои шумораи ночизи мол, ба монанди ҳайвоноти зинда, дарахтҳои зинда, пайвастагиҳои химиявӣ ва ғайрадохил карда шудаанд.

### *Дар соҳаи додани Сертификати тавлиди мол*

Қарори Ҳукумати ҶТ № 487 аз 1 октябри соли 2008 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба содда гардонидани монеаҳои маъмурӣ ҳангоми содироту воридоти молҳо» тартиби барасмият даровардани ҳуҷҷатҳоро ҳангоми содироту воридоти молҳо хеле содда намудааст. Аммо дар Нақшаи чорабиниҳо носаҳеҳӣ дар пайдарҳамии гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатӣ роҳ дода шудааст. Ҳамин тавр, банди 1 нақша муқаррар менамояд, ки барои гирифтани Сертификати тавлиди мол бояд Сертификати мутобиқати мол пешниҳод карда шавад, банди 8 бошад, Сертификати тавлиди молро ҳамчун яке аз ҳуҷҷатҳое муқаррар менамояд, ки пешниҳодаш барои гирифтани Сертификати мутобиқат зарур аст. Дар амалия Палатаи савдову саноат Сертификати мутобиқатро талаб намекунад, зеро пешниҳоди ин ҳуҷҷат барои муқаррар кардани кишвари пайдоиши мол зарур ба шумор намеравад.

Ба ғайр аз ин, аз номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ бояд Ҳисобнома-фактураро низ хориҷ намуд, ки он инчунин барои муайян кардани кишвари пайдоиши мол хамчун ҳуҷҷат зарур нест.

Маълумотнома аз бозор, ки ҳамчун яке аз намудҳои ҳуҷҷатҳои муайян кардани Сертификати мутобиқат муқаррар гардидааст, наметавонад тасдиққунандаи муайян кардани кишвари пайдоиши мол бошад, зеро моли дар бозор харидоришуда, метавонад ҳам дар ин кишвар истеҳсол шуда бошад, ҳам ба бозор аз дигар давлат воридшуда бошад.

### *Дар соҳаи барасмиятдарории гумрукии молҳо*

Қарори Ҳукумати ҶТ аз 25 октябри соли 2003 №450 «Дар бораи тарифҳои гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ғайр аз боҷҳои гумрукӣ барои ба расмият даровардани мол инчунин боҷи гумрукӣ барои мушоияти гумрукии молро низ пешбинӣ мекунад, ки нархи он 2 доллари ИМА барои ҳар як 10 километрро аз як ва ё якчанд воситаҳои нақлиётӣ, ки дар як колонна мебошанд,ташкил медиҳад. Бояд таъкид гардад, ки мушоияти гумрукӣ хароҷоти иловагӣ барои соҳибкорӣ мебошад. Расмиёти тозакунии гумрукии бештари молҳо на дар терминалҳое, ки дар сарҳадҳо қарор доранд, балки дар шаҳри Душанбе сурат мегирад. Ҳамин тавр, амволе, ки аз Хитой аз тариқи нуқтаи сарҳадии гузаргоҳи «Кулма» гузаштааст, бо мушоияти гумрукӣ то терминалҳои шаҳри Душанбе расонида шуда, расмиёти тозакунии гумрукиро дар шаҳри Душанбе гузашта, баъд боз ба шаҳри Хоруғ бар мегардад. Масофа аз нуқтаи сарҳадии Кулма то терминали шаҳри Душанбе бештар аз 700 км буда, хароҷоти зиёдеро чи барои пардохт барои мушоияти гумрукӣ, чи барои баргашт то шаҳри Хоруғ дар ҳолате, агар мол барои шаҳри Хоруғ пешбинӣ шуда бошад, талаб мекунад. Чунин ҳолат дар дигар нуқтаҳои сарҳадии кишвар ҷумҳурӣ низ ба назар мерасад.

Зарур аст, ки масъалаи мувофиқ кардани терминалҳое, ки дар наздики сарҳад қарор доранд, барои зуду босифат барасмият даровардани мол дида баромада шуда, мушоияти гумрукии мол ҳамчун яке аз расмиёти вазнинтарини барасмият даровардани мол барҳам дода шавад

Тавсия дода мешавад, ки номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои барасмиятдарории гумруки мол бояд аз нав баррасӣ гардад. Қисми 10 моддаи 131 Кодекси гумруки ҶТ пешниҳоди шаҳодатномаро оид ба дар мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифтан талаб мекунад. Тавре пештар қайд гардидааст, бинобар қабул карда шудани Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ бо дода шудани Рақами ягонаи мушаххас дода мешавад, ки он барои шахсони ҳуқуқӣ ягона мебошад. Бинобар ин ҳамаи Қонунҳо, аз ҷумла Кодекси Гумруки ҶТ, бояд ба ин Қонун мувофиқ карда шавад.

Ба ғайр аз ин бояд қайд гардад, ки Фармоиши Сардори хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ № 85-ф аз 29 майи соли 2009 «Дар бораи тасдиқ кардани Номгӯи хуҷҷатҳо ва маълумоте, ки барои барасмиятдарории гумрукии мол заруранд», номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурирo барои барасмиятдарории гумрукӣ боз ҳам зиёдтар намудааст. Ҳамин тавр,мувофиқи банди «в» Номгӯи мазкур пешниҳод карда мешаванд:

- ҳуҷҷатҳои мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиққунандаи соҳибҳуқуқии шахсоне, ки маълумот дар бораи онҳо дар декларатсияи гумрукӣ доир ба анҷом додани фаъолият дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишон дода шудаанд. Ба ин гуна ҳуҷҷатҳо дохил мешаванд***: ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи филиал ва ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ,*** шиноснома, шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ва ё шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ.

## БОБИ 8. МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗБАНДӢ. ТАҶРИБАИ ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН ОИД БА ПЕШНИҲОДИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗ БА ИСТЕҲСОЛКУНАНДАГОНИ КИШОВАРЗӢ ВА КОРКАРДКУНАНДАГОНИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон одатан соҳаи кишварзӣ дорои имтиёзҳои муайян буда, дар онҳо низоми махсуси андозбандӣ татбиқ мешавад, ки вобаста бо хусусиятҳои махсуси истеҳсолот: мавсимӣ, вобастагӣ аз фактори обу ҳаво, бартарии истеҳсолкунандагони оилавии хурд мебошад.

Бо кӯмаки андоз метавонад навъҳои муайяни фаъолият ҳавасманд ва ё барҳам дода шаванд. Андоз дар хоҷагиҳои кишоварзии кишварҳои пешқадами иқтисодӣ (Германия, Франция, Италия, ИМА, Канада ва ҳ.к.) асосан хусусияти фискалӣ надошта, онҳо барои тақвият додани афзоиши истеҳсолот, зиёдшавии ҷараёни инвеститсияҳо ба соҳа, ташаббуси соҳибкорӣ мусоидат менамоянд. Низоми андозсупорӣ ба дастгирии соҳибкорони хурди инфиродӣ ба воситаи ба онҳо пешниҳод кардани имтиёзҳои назарраси андоз равона шудааст.

Низоми чандири меъёрҳои андоз чун дастгоҳи ҳавасмандкунии рушди соҳа, ҷалби инвеститсия аз дигар соҳаҳо, тақвият бахшидани рушди шаклҳои кооперативии ташкили истеҳсолот истифода мегардад. Дар ҳамаи кишварҳо эволютсияи андозсупорӣ бо роҳи содда кардан, кам намудани андозҳои амалкунанда, паст кардани сатҳи меъёрҳо ва вусъат додани заминаи андозсупорӣ вусъат меёбад.

Мутаассифона, низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба иҷрои вазифаи фискалӣ равона шудааст. Вазифаи ҳавасмандкунии истеҳсолот, ҷалбкунии инвеститсияҳо, рушди соҳа, риояи адолати иҷтимоӣ ҳоло дар навбати дуюм меистанд.

Тавре қайд шуда буд, ҳоло давлат бинобар маҳдуд будани захирахо наметавонад рушди ин соҳаро маблағгузорӣ намояд, инчунин, барои қарздиҳии имтиёзноки соҳаи кишоварзӣ шароит фароҳам оварад. Дар ин ҳолат, беҳтарин воситаи ҳавасмандкунӣ фишанги андозбандии имтиёзнок ба ҳисоб меравад.

Аммо қонунгузории андози ҶТ ҳоло на ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва на ба коркардкунандагони ин маҳсулот имтиёзи назарраси андоз намедиҳад. Ба он нигоҳ накарда, ки ҶТ давлати аграрӣ буда, вазифаи асосии Ҳукумати ҶТ бояд масъалаи рушди маҳз ҳамин соҳа бошад, , то ба ҳол диққати асосӣ ба ин масъала дода намешавад. Гарчанде дар соҳаи ислоҳоти қонунгузорӣ оид ба истифодабарии замин ва рушди ҳаракати кооперативӣ кори назаррас бурда мешавад, масъалаҳои содда кардани андозбандӣ, паст кардани меъёрҳои андоз ва пешниҳоди имтиёз то ба ҳол ҳалнашуда боқӣ мемонанд. Аз рӯи масъалаҳои мазкур таҳқиқоти зиёде гузаронида шуда, ташкилотҳои зиёд бо пешниҳоди содда кардани тартиби андозбандӣ ва пешниҳоди имтиёзҳои андоз, ҳам барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳам барои коркардкунандагони ин масулот ба мақомоти давлатӣ баромадаанд. Аммо то ба ҳол ин пешниҳодот аз тарафи мақомоти давлатӣ қабул карда нашудаанд.

Кодекси андози ҶТ асосан чунин намуди имтиёзро пешбинӣ менамояд, ки метавонад аз тарафи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва коркардкунандагони маҳсулот истифода гардад:

Мувофиқи моддаи 211 КА ҶТ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд, аз ҷумла:

- воридоти техникаи кишоварзӣ мувофиқи номгӯи муаяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии (комплектии) онҳо (ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд, яъне бе онҳо кори таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ имконнопазир аст), барои ташаккул ё пурра кардани фонди оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунанда ба шарте, ки ин молу мулк мустақиман дар истеҳсоли молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисии корхона истифода гардад ва ба категорияи молҳои зераксизӣ дохил нагардад.

Мувофиқи моддаи 271 КА ҶТ аз андози замин озод карда мешаванд, аз ҷумла:

- заминҳои барои истифода гирифташуда, ки мутобиқи хулосаи Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи макоми ваколатдори давлатӣ вайроншуда (рекултиватсия талабкунанда) эътироф шудаанд ва заминҳое, ки дар зинаи азхудкунии кишоварзӣ мебошанд, дар соли барои истифода (азхудкунӣ) гирифташуда ва дар давоми 5 соли минбаъда аз соли қабул намудани (оғози азхудкунии) чунин заминҳо;
- заминҳое, ки мустақиман барои мақсадҳои илмӣ ва таълимӣ, инчунин озмоиши навъҳои зироатҳои кишоварзӣ, дарахтхои ороишӣ ва мевадиҳанда аз ҷониби ташкилотҳои илмӣ, хоҷагиҳои экспериментали ва илмию озмоишӣ, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва муассисаҳои таълимии самтҳои кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал тибқи ҳаҷми замин ва мутобиқи номгӯи истифодабарандагони замин, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, истифода мегарданд;

Имтиёзҳои муайянро Кодекс ба корхонаҳои азнавтаъсисёфта, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дӯзандагӣ) банд мебошанд, пешбинӣ намудааст.

Тавре аз меъёрҳои овардашуда маълум аст, ин имтиёзҳо хеле ночизанд ва наметавонанд шароити хубро барои такон додани рушди комплекси агросаноатӣ ва рақобатпазирии он нисбат ба кишварҳои ҳамсоя фароҳам оваранд.

Мехостем ба таҷрибаи Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба андозбандии имтиёзнок диққат диҳем.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон шароитҳои кифояи мусоид ва преференсияҳо барои истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ ва кооперативҳои кишоварзии молӣ-хизматрасонӣ нисбат ба дигар кишварҳои Осиёи Миёна фароҳам оварда шудаанд.

Ҳамин тавр, моддаҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Қирғизистонро меоварем, ки бо онҳо имтиёзҳо ба истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, инчунин коркардкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дода шудаанд:

1. **Таҳвили маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулотии коркарди саноатии мева, тутмева ва сабзавотҳо**

Мувофиқи моддаи 239 КА Ҷумҳурии Қирғизистон:

Таҳвили ***маҳсулоти кишоварзии истехсоли худӣ*** аз ҷониби истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ***, инчунин маҳсулоти коркарди онҳо,*** таҳвиле мебошад, ки аз ААИ озод аст.

Аз тарафи субъект таҳвили молҳои ***коркарди саноатии тутмеваҳо, мева ва сабзавот аз ашёи хоми худӣ, ки коркарди он бевосита аз тарафи ин субъектҳо*** сурат мегирад, аз ААИ озод мебошад.

Таҳвили ***маҳсулот ва маводи кишоварзии коркардшуда аз тарафи кооперативҳои кишоварзии молӣ-хизматрасонӣ, ки аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки узви кооперативанд.*** қабул карда шудааст,таҳвилии озод аз ААИ мебошад.

***Таҳвили мол, кор ва хизматрасонии кооперативҳои молӣ-хизматрасонӣ ба аъзоёни ҳамин кооперативтаҳвиле***е мебошад, ки аз ААИ озод аст.

***Таҳвили мол, кор ва хизматрасониҳои корхонаҳои озуқа ва коркарди саноатӣ*** (ба ғайр аз барои саноати гурӯҳи молҳои зераксизӣ истифодашаванда), ***ки ашёи хоми ватаниро коркард мекунанд,*** таҳвиле ба ҳисоб меравад, ки аз ААИ ба мӯҳлати 3 сол аз рӯи Номгӯи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон тасдиқшуда озод мебошад.

**Коркарди молҳое, ки таҳти низоми гумрукии "Коркарди мол дар қаламрави гумрукӣ" ва "Коркарди мол таҳти назорати гумрукӣ" қарор доранд.**

Мувофиқи моддаи 249 КА ҶҚ хизматрасониҳо оид ба ***коркарди молҳое***, ки ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Қирғизистон ворид шуда таҳти тартибҳои гумрукӣ ***"Коркарди молхо дар қаламрави гумрукӣ" ва "Коркарди молҳо таҳти назорати гумрукӣ***" гирифта шудаанд, таҳвиле мебошад, ки аз ААИ озод мебошад.

2. **Таҳвили поруи минералӣ ва воситаҳои химиявии ҳимояи растаниҳо, ваксина ва воситаҳои доруворӣ барои ҳавонот**

Мувофиқи моддаи 255 КА Ҷумҳурии Қирғизистон таҳвили ***поруҳои минералӣ, воситаҳои ҳимояи химиявии растаниҳо, инчунин ваксина ва воситаҳои доруворӣ барои ҳайвонот,*** ки Номгӯяшро Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон муайян кардааст, таҳвили аз ААИ озод мебошад.

3. **Аз НДС озод кардани ҳайвоноти зотии воридшаванда ва маводи тухмӣ, поруҳои минералӣ ва воситаҳои химиявии ҳифзи растаниҳо.**

Мувофиқи моддаи 258.1. **ҳайвоноти зотӣ ва маводи тухмӣ, поруҳои минералӣ ва воситаҳои химиявии ҳифзи растаниҳо, инчунин ваксина ва маводи доруворӣ барои ҳайвонот, ки** ба Ҷумҳурии Қирғизистон **ворид мешаванд,** аз пардохти ААИ озод карда мешаванд.

Воридоти молҳое, ки дар моддаи мазкур нишон дода шудаанд, тибқи Номгӯи аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон мувофиқи ТНВЭД тасдиқшуда, аз пардохти ААИ озод карда мешаванд.

4. **Аз ААИ озод шудани воситаҳои асосии воридшаванда ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Қиргизистон**

Мувофиқи моддаи 259 Кодекси андози Ҷумҳурии Қирғизистон воситаҳои асосӣ, ки дар мақоми молии ТНВЭД 8401-8406, 840710, 8410-8414, 8416-8447, 8449-8465, 8471, 8474, 8475, 8477-8480, 8504, 8505, 8514, 8515, 8525, 8526, 8529, 8530, 8601-8606, 8608, 8609, 8701, 8702 (ба истисноu микроавтобусҳо), 8704, 8705, 8709, 8716, 8802, 9018, 9022, 9027 тасниф шуда, ***аз тарафи истеҳсолкунандаи кишоварзӣ ва кооперативҳои молӣ-хизматрасонӣ бевосита барои истеҳсолоти худӣ ва барои аъзоёни кооперативи молӣ-хизматрасонӣ*** ва/ва ё субеъктҳои хоҷагидорӣаз рӯи шартномаҳои иҷораи молиявӣ\(лизинг) ***истифода мешаванд,*** аз пардохти ААИ, новобаста аз шакли бақайдгирии ин субъектҳои хоҷагидорӣ ба сифати андозсупорандаи ААИ, озод карда мешаванд.

5. **Таҳвили техникаи кишоварзӣ, ки дар корхонаҳои Ҷумҳурии Қирғизистон истеҳсол мешаванд.**

Мувофиқи моддаи 255-1 ***таҳвилии техникаи кишоварзӣ ба истеҳсолкунандаи ватанӣ, ки дар корхонаҳои Ҷумҳурии Қирғизистон истеҳсол мешаванд,*** мувофиқи Номгӯи аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон тасдиқшуда, интиқоли аз ААИ озод мебошад.

6. **Озодшавӣ аз пардохти андоз аз фурӯш**

Мувофиқи моддаи 315. 1., аз андоз аз фурӯш- фурӯши молҳо, иҷрои корҳо, расонидани хизмат аз ҷониби:

1) истеҳсолкунандагони кишоварзӣ;
2) кооперативҳои молӣ-хизматрасонии кишоварзӣ.
озод карда мешаванд.

7. **Озодшавӣ аз андоз аз фоида**

Мувофиқи моддаи 212. 1. аз ин навъи андоз озод карда шудаанд:
3) фоидаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;
5) фоидаи кооперативҳои кишоварзии молӣ-хизматрасонӣ;

6) фоидаи андозсупор аз фурӯши молҳои ба таври саноатӣ коркардшудаи тутмева, мева ва сабзавот аз ашёи хоми худӣ, ки коркарди онҳо бевосита дар иқтидорҳои саноатии дар моликияти хусусиаш қарордошта анҷом ёфтааст, , дар қисмати бахаридорӣ, тачдид, азнавсозии воситаҳои асосии истеҳсолӣ равона шуда,;

8) корхонаҳои саноати ғизоӣ ва коркардкунанда, ки коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро анҷом медиҳанд (ба ғайр аз истеҳсолоти маҳсулоти гурӯҳи зераксизӣ), ба мӯҳлати то 3 сол. Номгӯи корхонаҳо ва меъёрҳои интихоби онҳо барои ворид кардан ба он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон тасдиқ карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни ҳол гурӯҳи корӣ оид ба ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андози ҶТ ташкил карда шудааст. Гурӯҳи кории таҳия лоиҳаро ба охир расонидааст. Ҳоло лоиҳаи Қонун дар баррасии вазорату муассисаҳо қарор дорад. Лоиҳаи нави

Кодекси андоз инчунин пешниҳоди назарраси имтиёзҳои андозро барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин коркардкунандагони ин гуна маҳсулот пешбинӣ намекунад. Ҳамчун лаҳзаи мусбати ин лоиҳа муқаррар намудани меъёрҳоро нисбати андозсупорандагони низоми соддаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ҳисоб кардан мумкин Мувофиқи лоиҳаи мазкур пардохткунандагони ин навъи андоз субъектхои соҳибкории хурд мебошанд, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бе коркарди минбаъда анҷом медиҳанд. Кодекси ҷорӣ пешбинӣ мекунад, ки андози ягона барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ танҳо нисбати он қисмати фаъолияти истеҳсолкунандаи кишоварзӣ татбиқ мегардад, ки ба истеҳсолот ва таҳвили маҳсулотии кишоварзӣ ***(фаъолияти кишоварзӣ) алоқаманд аст.*** **Дар** лоиҳа калимаҳои **«таҳвили маҳсулоти кишоварзӣ»** хориҷ карда шудаанд. Ба ғайр аз ин лоиҳа зинаи поёнии пардохти ин гуна андозро муқаррар менамояд, ки бо Кодекси ҷорӣ пешбинӣ нашудааст. Мувофиқи лоиҳа Андози ягона нисбати хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигар истеҳсолкунандагон пешбинӣ шудааст, ки даромади маҷмӯиашон дар давоми соли гузаштаи тақвимӣ бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминии аввалия) на бештар аз ***800 ҳазор сомонӣ*** мебошад.

Мувофиқи Кодекси ҷорӣ меъёри Андози ягона дар худи Кодекс муқаррар карда шудааст, меъёри андози ягона барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ мувофиқи ноҳияҳои ҷумҳурӣ мувофиқи маълумоти мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои заминсозӣ, геодезия ва картография аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад. Мувофиқи лоиҳамеъёри андози ягона мувофиқи ҳавзаҳои кадастрӣ бо дарназардошти минтақаҳои кӯҳӣ барои ҳар як гектар замин барои ҳар як соли тақвимии 5 сол аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои заминсозии бо мақомоти давлатии ваколатдор мувофиқшуда муқаррар мегардад. Меъёри андози ягона барои дигар замин ба меъёри андози заминҳои дахлдори , мувофиқ карда шудааст. Мӯҳлатҳо ва андозаҳои пардохти андоз тағйир дода шудааст. Лоиҳа инчунин п имтиёзҳои андозро барои пардохткунандагони ин навъи андоз пешбинӣ намудааст. Ҳамин тавр, аз андози ягона озод карда мешаванд:

- Дар давоми 5 сол баъди таҳвил заминҳои вайрон (ки рекультиватсияро металабанд) ва замине, ки дар марҳилаи азхудкунии кишоварзӣ қарор доранду мувофиқи хулосаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба заминсозӣ дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлатӣ ин гуна шинохта шудаанд;
- Замини захираҳои озоди давлатӣ, агар ин замин барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода нагардад;
- Дар давоми 5 соли тақвимӣ баъди таҳвил замин барои истеҳсолоти кишоварзӣ, чарогоҳ, қаҳдарав, ҷангал ва дигар заминҳое, ки пештар барои истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ истифода нашудаан, ки дар он боғу токзор ва ҳ.к. ҷойгир шудаанд.

Аммо тағйироти пешбинишуда ин гуна комплекси масъалаҳоро, ки дар боло баррасӣ шудааст, ҳаллу фасл наменамоянд. Бинобар ин барои рушди бобарори комплекси агросаноатии ҶТ пешниҳод карда мешавад, ки як бори дигар таҷрибаи Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба пешниҳоди имтиёзҳои андозбандӣ баррасӣ гардида, татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шавад .

# БОБИ 9. ТАВСИЯҲО ОИД БА БАРТАРАФ КАРДАНИ МУШКИЛОТИ ОШКОРШУДА

## *1. Тавсияҳо оид ба Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)»:*

1. КГ ҶТ номгӯи шаклҳои имконпазири ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолиятро дарбар мегирад. Шакли ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонӣ бояд ба яке аз шаклҳои муқарраршуда дар КГ ҶТ мувофиқат намояд, то ин ки аз тамоми мушкилоти ҳуқуқӣ ва мушкилоте, ки дар айни ҳол хоҷагиҳои деҳқонӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, бартараф карда шаванд.

   Нисбати чунин шакли пешбинигардидаи Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷаги и деҳқонӣ (фермерӣ) ба мисли ***«хоҷагиҳои шарикӣ»,*** ки дар бояд қайд карда намуд, ки он на шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, балки шакли татбиқи шартномаи фаъолияти якҷоя ***(ширкати оддӣ) мебошад,*** ки дар боби 52 КГ ҶТ пешбинӣ шудааст. Зарур аст, ки он аз Қонун ҳамчун шакли ташкилӣ – ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонӣ хориҷ карда шавад. Дар ин ҳолат метавон меъёрро оид ба бастани шартномаи фаъолияти якҷоя ***(ширкати оддӣ)***байни хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ мутобиқи боби 52 КГ ҶТ муқаррар намуд. Дар шартномаи ширкати оддӣ реҷаи ҳуқуқии молу мулк ба моликияти умумии аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ асос ёфта, шахсони воқеӣ- иштирокчиёни ин шартнома субъектҳои мустақили фаъолияти соҳибкорӣ ***мебошад,*** зеро бояд ба сифати соҳибкор ба қайд гирифта шаванд.

   Ҳамин тавр, хоҷагии деҳқонӣ метавонад аз ҷониби ***шахсони воқеии тибқи тартиби муқарраргардида ба қайд гирифташуда*** дар асоси шартнома дар бораи фаъолияти якҷоя ташкил карда шавад. Дар ин ҳолат шарикони хоҷагиҳои деҳқонӣ метавонанд кафолати воқеии иҷро кардани ӯҳдадориҳои худро аз тарафи ин гуна хоҷагиҳо дошта бошанд ва худи хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолияти соҳибкории худро дар асоси қонунӣ анҷом диҳанд.

2. Аз Қонун чунин шакл ҳамчун«хоҷагии деҳқонии оилавии» хориҷ карда шавад ва ё шакли мазкур ба КГ ҶТ ворид кардашавад. Хусусияти ***хоҷагииои деҳқонӣ оилавӣ р*** он аст, ки татбиқи фаъолияти соҳибкориро анҷом додани он ба истифодабарии қитъаи замин вобаста мебошад. Агар аъзоёни як оила ташкил кардани хоҷагии деҳқониро дар асоси муттаҳид кардани ҳиссаҳои замин хоҳанд, бинобар рӯ ба рӯ нашудан бо тартиби гирифтани якчанд Сертификат барои ҳар як узви алоҳидаи оила, дар Қонун мумкин аст меъёри ҷудо карда шудани қитъаи замин бо як массив барои ташкили ин гуна хоҷагӣ бо гирифтани як Сертификат пешбинӣ шавад ва дар айни ҳол ҳуқуқи аъзоёни ин гуна хоҷагиҳо бо ҳиссаи худ озодона баромадан аз таркиби ин гуна хоҷагиҳо муқаррар карда шавад. Аммо дар ин ҳолат, бинобар рӯ ба рӯ нашудан бо мушкилоти зиддияти меъёрҳои КГ ҶТ ва ин Қонун зарур аст байни ҳолатҳои мазкури пешбинишуда интихоб карда шавад:

   - Мақоми ин гуна хоҷагиҳо ба мақоми соҳибкори инфиродии дар КГ ҶТ пешбинишуда баробар карда шавад. Дар ин сурат тамоми мушкилоту зиддиятҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии дар боло зикршуда ба вуҷуд меоянд.
   - Ба КГ ҶТ ин гуна шакли ташкилӣ - ҳуқуқӣ бо муқаррар кардани реҷаи ре моликият ва дигар муносибатҳо дохили ин гуна хоҷагиҳо ворид карда шавад.

3. Ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва хуқуқӣ барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар тамоми шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии шахси ҳуқуқии пешбининамудаи КГ ҶТ пешбинӣ гардад.

4. Ҳуҷҷати ягонаи бақайдгирии ҳуқуқи истифобарии замин барои тамоми дорандагони ин ҳуқуқ муқаррар карда шавад.
5. Дар ҳолати тағйир ёфтани мақомоти ХДФ метавонанд дигар мушкилоти ҳуқуқии дар ҳуҷҷати мазкур қайд гардида , бартараф гарданд.

*2. Тавсияҳо оид ба мушкилоти рушди ҳаракати кооперативӣ:*

1. Таҳияи лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳо» ва қабули онро бояд суръат бахшид.
2. Масъалаи таҳияи тартиби имтиёзноки андозбандӣ барои кооперативҳо, аз ҷумла озод гардидани кооперативҳо аз андозбандии гардиши дохилии кооператив .дида баромада шавад
3. Ҳангоми қабули Қонун гузаронидани чорабиниҳои минбаъда оид ба фаҳмонда додани меъёрҳо он ва татбиқи онҳо ба нақша гирифта шавад.

*3. Тавсияҳо оид ба ҳалли мушкилот дар соҳаи норасоии воситаҳои химиявии ҳифзи растаниҳо:*

1. Ташкили кооперативҳо оид ба хизматрасонии агрохимиявӣ, таъмини истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо агрохимикатҳо, заҳрхимикатҳо ва поруҳои органикӣ;
2. Аз ААИ озод намудани на танҳо воридоти техникаи кишоварзӣ, инчунин ворид намудани воситаҳои ҳифзи химиявии растаниҳо;
3. Баррасии имконияти истифодаи авиатсия дар мубориза бо зараррасонҳо;
4. Истифодаи технологияхои нави нигоҳдорандаи энергия ва захираҳо, нисбатан содда ва самараноки ки истифодабарии воситаҳои техникии қулай ва оддӣ;
5. Ташкил кардани шароит барои рушди муомилоти лизингӣ бо роҳи додани имтиёзҳои андоз ва истеҳлокшавӣ (амортизатсия).

*4. Тавсияҳои бартараф кардани мушкилот оид ба норасогии поруҳои минералӣ, инчунин тухмиҳои олисифат:*

1. Аз ААИ озод намудани воридоти поруҳои минералӣ ва тухмиҳои олисифат

*5. Тавсияҳо дар соҳаи дастрасии қарздиҳӣ:*

1. Ворид намудани тағйирот ба Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» бо мақсади муайян кардани шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ин хоҷагиҳо, ки метавонад ба дақиқан муайян намудани речаи истифодабарии молу мулки ва ҷавобгарии ин гуна хоҷагиҳо аз рӯи ӯҳдадориҳои худ, аз ҷумла баргардонии кредитҳо, оварда расонад;
2. Муайян кардани механизми мушаххаси додани ҳуқуқи қитъаи замин ба гарав. Вазифаи мазкур бояд ба таври комплексӣ, бо ҳамзамон ворид кардани тағйирот ба Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)», тасдиқи санадҳои зерқонунӣ, ки қабули онҳоро

лоиҳаи қонун оид ба ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси замини ҶТ пешбинӣ намудааст ва ворид намудани тағйирот ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ипотека»;

3. Тезонидани қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳо»;
4. Муқаррар кардани тартиби соддашудаи додани ҳисобот ва дигар расмиёти танзими фаъолияти кооперативҳои кредитӣ аз тарафи Бонки миллии ҶТ.

### *6. Тавсияҳо дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ:*

1. Татбиқи ҳар чи зудтари чорабиниҳои пешбининамудаи Барномаҳои давлатӣ оид ба афзун намудани имконияти содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот барои солхои 2010 – 2012, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 декабри соли 2010 № 624 тасдиқ шудааст. Дар навбати аввал, баррасии зудтари банди 6 Нақшаи чорабиниҳои Қарори мазкур дар бораи комода намудани пешниҳодот ҷиҳати ***тағйиро додани меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотӣ ба таҷҳизоти технологӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ он***. Бо мақсади қувват бахшидани имкониятҳои воридотии кишвар дар соҳаи коркарди мева ва сабзавот, пешниҳод мегардад, ки воридоти таҷҳизоти технологӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ он пурра аз боҷҳои гумрукӣ ва ААИ озод гардад. Инчунин воридоти дигар навъи техникаи барои корхонаи коркардкунанда зарурӣ (яхдонҳои саноатӣ, кондитсионерҳо ва ҳ.к.),пурра аз боҷҳои гумрукӣ ва ААИ озод карда шаванд, ба шарте, ки воридоти онҳо бевосита аз тарафи соҳибкорони бо коркарди ашёи хоми маҳаллӣ машғул анҷом дода шавад.
2. Аз ААИ ба мӯҳлати то 3 сол озод намудани таҳвили мол, кор ва хизматрасониҳои корхонаҳои саноати ғизоӣ ва коркардкунанда, ки ашёи хоми ватаниро коркард мекунанд, , инчунин аз андоз аз даромад озод намудани чунин корхонаҳоба мӯҳлати то 3 сол ;
3. Мушкилоти зеринро ба назар гирифта:
   - Меъёрҳои баланди фоизи карзҳо, кӯтоҳмуддат будани онҳо ва расмиёти мушкили гирифтани қарз;
   - Норасоии нерӯи барқ бо мақсади таъмини солонаи саноат;
   - Аз кор мондани таҷҳизоти технологӣ дар давраи тирамоҳу зимистон (давраи шиддат ёфтани мушкилоти норасоии неруи барқ, хусусан дар ноҳияҳо);
   - Нархи баланди ашёи хом ва қиматии интиқоли нақлиётии он то корхонаи коркардкунанда;

Ташаккулёбии корхонаҳои хурду хурдтарин ва сеххои коркарди мева дар минтақаҳои дорои ашёи хоми кифоя мувофиқи мақсад мебошад.

Ин ҳама чӣ медиҳад ва то ба кадом андоза дар шароити имрӯза имконпазир аст?

Аввалан қайд кардан зарур аст, ки корхонаҳои хурду хурдтарин инвеститсияҳои калон ва ё кредитҳоро талаб наменамоянд;

Дигар, корхонаҳои хурду хурдтарин технологияҳои энергияталабро истифода наменамоянд, ки ин масъалаи таъминоти барқро осон менамояд;

Сеюм, дар вақти бозистии муваққатии технологиякорхонаҳои хурду хурдтарин зарари зиёд намебинанд ва он метавонанд аз тарафи давлат ба тариқи механизмҳои танзимкунандаи андоз барқарор карда шавад;

чаҳорум, дар аксари минтақаҳои кӯҳсори кишвар(хусусан дар минтақаҳои дастнораси қӯҳсор) бинобар мушкилот ва қимат будани интиқоли ашё қисми зиёди он вайрон мешавад, ки он дар навбати худ ашёи арзон барои коркард дар корхонаҳои хурду хурдтарин

мебошад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ самаранокии корхонаҳои хурду хурдтаринро дар маҳалҳое, ки дар онҳо ашё ва захираҳо фаровон буда, хароҷоти бисёреро барои интиқол талаб намекунанд, нишон медиҳад. Ин хеле далели муҳиме дар паст кардани нархи аслии мол мебошад.

Набояд фаромӯш кард, ки корхонаҳои ҳамгуни аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба ҳам наздикро ба шакли кластер муттаҳид кардан мумкин буда, чунин усули кластерӣ солҳои зиёде самаранокии худро дар кишварҳои пешрафта ва рӯ ба инкишоф нишон додааст (аз ҷумла, дар кишварҳои ИДМ). Ҳангоми ташаккулёбии агрокластерҳо татбиқи таҳлили комплекси агросаноатии Тоҷикистон, ки тарафҳои содда ва неруманд, имконият ва хатарҳо ба рақобатпазирӣ, муайян кардани мақомоти калидии истифодабарии ҳангоми ташаккул додани кластерҳои рақобатпазирро муайян менамояд. Омӯзиши назарияи муосири кластерӣ ва таҷрибаи амалии кори кластерҳо дар Қазоқистон ва Қирғизистон нишон медиҳанд, ки истифодаи онҳо дар Тоҷикистон имкониятҳои навро дар боло бурдани рақобатпазирии маҳсулоти меваву сабзавот фароҳам меоварад. Барои коркарди усулҳои нави ҳамкории субъектҳои хоҷагидорӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ, самти стратегии рушд ҳамчун ҳавзаи алоҳидаи истеҳсолии минтақа ва умуман кишвар имконият медиҳад.

## *7. Тавсияҳо дар соҳаи содда кардани тартиботи воридотию содиротӣ:*

### *Дар соҳаи додани хулосаи санитарӣ- эпидемиологӣ*

1. Номгӯи маҳсулоте, ки барои воридот ва содироти онҳо хулосаи санитарӣ-эпидемиологӣ ҳатмӣ мебошад, тасдиқ карда шавад. Ҳангоми коркарди Номгӯй зарур аст,ки ба амалҳои такроршавандаи мақомоти стандартизатсию сертификатсия ва назорати санитарӣ ҳангоми татбиқи таҳлили лабораторӣ роҳ дода нашавад.

2. Тартиби ташкил ва гузаронидани экспертизаҳои санитарӣ-эпидемиологӣ, таҳлилҳо, санҷишҳо, баҳодиҳии токсикологӣ, гигиенӣ ва дигар тасдиқ карда шаванд.

### *Дар соҳаи додани Сертификати Фитосанитарӣ*:

1. Тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳандаи фитосанитарӣ бо нишон додани рӯйхати мушаххаси ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва мӯҳлати баррасии ариза тасдиқ карда шавад.
2. Тартиби гузаронидани санҷишҳои лабораторӣ тасдиқ карда шавад.
3. Нархномаи яклухти ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳандаи фитосанитарӣ, гузаронидани таҳлили лабораторӣ ва хизматрасонии мақомоти фитосанитарӣ ва карантини растаниҳо тасдиқ карда шавад.
4. Рӯихати маводи таҳти карантин, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 октябри соли 2010 №510 тасдиқ шудааст, аз нав баррасӣ гардад. Масъалаи аз ин рӯихат хориҷ намудани маводитаҳти карантини истеҳсоли саноатӣ, ки на он қадар тез дучори зарари организмҳои зарарасони карантинӣ мегарданд, дида баромада шавад.

*Дар соҳаи додани Сертификати мутобиқати молҳо:*

1. Бо қарори Ҳукумати ҶТ **Қоидаҳои** батанзимдарорандаи додани Сертификати мутобиқати мол, талабот нисбат ба гирифтани ҳуҷҷати мазкур, номгӯи мушаххаси ҳуҷҷатҳо, мӯҳлати додани Сертификати мутобиқат тасдиқ гарданд.
2. Бо худи ҳамин Қарор нархи Сертификати мутобиқат тасдиқ гардад, дар айни ҳол таҳлили хароҷоти воқеӣ оид ба сертификатсияи маҳсулот дар муқоиса бо чунин хароҷот ҳангоми додани дигар ҳуҷҷатҳои иҷозатномадиҳӣ гузаронида шуда, нархо он то ҳадди муайян паст карда шавад.
3. Дар Вазорати адлияи ҶТ Қоидаҳои гузаронидани сертификатсияи ҳатмӣ аз тарафи мақомоти стандартизация ва сертификатсия, Қоидаҳои гузаронидани санҷиши лабораторӣ ба қайд гирифта шаванд.
4. Чорабиниҳо барои дастрас будани санадҳои меъёрӣ дар соҳаи стандартизатсия ва сертификатсия барои соҳибкорон, аз ҷумла бо роҳи ҷойгир кардани тамоми санадҳо дар сайтҳои расмии ин мақомпешбинӣ карда шаванд.
5. Номгӯйи молҳои ҳатман сертификатсия шаванда, аз нав дида баромада шуда, аз ин Номгӯй молҳое, ки хатари зиёди расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, аз ҷумла бехатарии давлатро надоранд, хориҷ карда шаванд. Масъалаҳои татбиқи методҳои дигари танзими сифати мол, масалан, методи декларатсиякунӣ баррасӣ карда шавад.

*Дар соҳаи додани Сертификати тавлиди мол.*

1. Барҳам додани зиддиятҳои мавҷуда .дар бандҳои 1 ва 8-уми Нақшаи чорабинихо оид ба содда гардонидани монеаҳои маъмурӣ ҳангоми содироту воридоти молҳои бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 октябри соли 2008№ 487 тасдиқгардида ҳангоми муқаррар кардани пайдарҳамии пешниҳодт ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда, аз номгӯй хориҷ намудани Сертификати мутобиқат ҳангоми гирифтани Сертификати тавлид Аз номгӯйи ҳуҷҷатҳои зарурӣ хориҷ намудани Ҳисобнома-фактураи фурӯшанда ва маълумотнома аз бозор.

*Дар соҳаи барасмиятдарории гумрукии мол*

1. Имконияти хориҷ намудани талабот барои ҳамроҳии гумрукии воситаҳои автомобилӣ баррасӣ карда шавад

2. Содда намудани номгӯйи ҳуҷҷатҳое, ки барои барасмиятдарории гумрукии ҳуҷҷатҳо заруранд. Хориҷ намудани талабот ба пешниҳоди чунин ҳуҷҷатҳоба монанди ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, шаҳодатнома оид ба аккредитатсияи филиал ва ё намояндагии шахси хориҷии ҳуқуқӣ.

3. Зудтар ҷорӣ намудани принсипи «Равзанаи ягона» хангоми барасмиятдарории расмиёти воридоту содирот ва транзит.

# РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА

*Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:*


1. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996..
2. Кодекси меҳнати ҶТ.
3. Кодекси андози ҶТ аз соли 2004.
4. Кодекси Гумруки ҶТ аз 3 декабри соли 2004.
5. Кодекси Граждании ҶТ, қисми якум аз 30 июни соли 1999 ва қисми дуюм аз 11 декабри соли 1999.
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 марти соли 1992.
7. Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» аз 2 декабри соли 2002.
8. Қонуни ҶТ «Дар бораи ипотека» аз 20 марти соли 2008.
9. Қонуни ҶТ "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 19 маи соли 2009.
10. Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 маи соли 2009.
11. Барномаи ислоҳоти иқтисодии комплекси агросаноатии ҶТ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 1995, №673 тасдиқ шудааст.
12. Тартиби ташкил, бақайдгирӣ ва додани хулосаи Санитарӣ- эпидемиологӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 марти соли 2004, №139 тасдиқ шудааст.
13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи андозаи хироҷҳои гумрукӣ барои хизматрасонии гумрукӣ» » аз 2 декабри соли 2005, № 472
14. Барномаи мубориза бар зидди касалиҳо ва ҳашароти зараррасони боғу токзори ҶТ барои солхои 2006 – 2010, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 июни соли 2006, № 290 тасдиқ гардидааст.
15. Қарори Ҳукумати ҶТ № 487 аз 1 октябри соли 2008 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба содда гардонидани монеаҳои маъмурӣ ҳангоми содироту воридоти молҳо».
16. Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 декабри соли 2008 № 658 тасдиқ шудааст.
17. Рӯихати маводи таҳти карантин, ки ба қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 октябри соли 2010 , №510 тасдиқ шудааст.
18. Барномаи давлатӣ оид ба афзун намудани имконияти содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот–барои солҳои 2010-2012, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 декабри соли 2010, № 624 тасдиқ шудааст.
19. Барномаи мубориза бар зидди касалиҳо ва ҳашароти зараррасони богу токзори ҶТ барои солхои 2011-2015, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 декабри соли 2010, №625 тасдиқ шудааст.
20. Тартиби гузаронидани корхо оид ба сертификатсияи маҳсулоти ватанӣ ва воридотӣ аз ҷониби Раёсати сертификатсияи махсулоти Тоҷикстандарт, ки аз ҷониби директори Тоҷикстандарт аз 15 феврали соли 2007 тасдиқ шудааст.
21. Номгуй ва нархгузории корҳо оид ба таъмини карантини растании аз тарафи Хадамоти давлатии бозрасии фитосанитарӣ ва карантини растаниҳо иҷрошаванда, ки бо фармоиши Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 2008 дар мувофиқа бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Вазорати молияи ҶТ

тасдиқ шудаастДастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарорӣ, тасдиқ намудан ва додани сертификати тавлиди мол, инчунин хуччатхое, ки ба амалӣ намудани фаъолияти берунииктисоди алокаманданд аз 30 декабри соли 2008 № 205

22. Фармони роҳбари Палати савдо в саноати ҶТ «Дар бораи арзиши хизматҳое, ки ҷиҳати муайян намудани кишвари тавлиди мол расонида мешаванд аз 30 декабри солия 2008, №204.
23. Номгӯи ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки барои барасмиятдарории гумрукии мол заруранд, бо фармоиши Сардори хадамоти гумруки назди Хукумати ЧТ № 85-ф аз 29 майи соли 2009 тасдиқ шудааст Роҳнамо оид ба муқаррар кардани нархи хизматрасониҳо ҳангоми гузаронидани экспертизаи мол ва муайян намудани кишвари тавлиди мол дар ҶТ, № 15 аз 3 марти соли 2010 .
24. Меъёрҳои ҳаҷми меҳнати сарфшаванда ва тартиби пардохт оид ба санҷиш ва калибровкаи воситаҳои ченкунӣ, санҷиш, стандартизатсия ва сертификатсияи маҳсулот, хизматрасониҳо ва аккредитатсияи зерсохторҳои санҷишӣ. Ҳуҷҷати роҳнамои ҶТ 50-002-2002.
25. Лоиҳаи Қонуни ҶТ «дар бораи ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андози ҶТ» ба ҳолати _____апрели соли 2012.
26. Лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯи масъалаҳои лизинг, ба ҳолати то 17 апрели соли 2012.

**Маводи таҳқиқотии истифодашуда:**

1. «Мониторинги хароҷоти вақту хуҷҷатҳо, ки барои воридоту содирот заруранд», ки аз тарафи Иттифоқи мушовирони касбии Тоҷикистон бо ташаббуси лоиҳаи USAID оид ба либерализатсияи савдо ва ислоҳоти гумрукӣ таҳия шудааст.
2. «Чораҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар роҳи ноилшавӣ ба бехатарии озуқавии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз ҷониби Ассотсиатсияи агробизнеси Тоҷикистон таҳия шудааст-.
3. «Маҳсулнокӣ ва рақобатпазирӣ» роҳнамо барои корфармоён, таҳияи НАМ и СБ Тоҷикистон, Душанбе, соли 2006. http://namsb.tj/images/produktivnost_i_konkurentosposobnost.pdf
4. Маводе, ки дар ҳудуди барномаи CANDYhttp://namsb.tj/index.php?option=com_content&view=category&layout=blog&id=39&Itemid=64 таҳия шудааст